**Турсунбоева Н.А., Акрамова Г.Б.,**
**Мирюсупова Г.М.**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсии синфи 2
барои мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 1**

**Алматы**
**«Жазушы»**
**2018**

УДК 373.167.1
ББК 81.2 Узб-922
Т 19

## Аломатҳои шартӣ


Сӯҳбат мекунем


Гӯш мекунем


Фикр мекунем


Нависед


Хонед


Кор бо ҷуфт


Кор бо гурӯҳ


Дар хотир доред


Чистон


Тезгӯяк

**Турсунбоева Н.А., Акрамова Г.Б., Мирюсупова Г.М.**
**Т 19** **Забони тоҷикӣ:** Китоби дарсӣ. *Қисми 1.* Барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Барои синфи 2 / *Турсунбоева Н.А., Акрамова Г.Б., Мирюсупова Г.М.* – Алматы: “Жазушы” нашриёти, 2018.–184 саҳифа, суратдор.

ISBN 978-601-200-577-6

УДК 373.167.1
ББК 81.2 Узб-922

ISBN 978-601-200-577-6 (1-қисм)
ISBN 978-601-200-576-9

© Турсунбоева Н.А., Акрамова Г.Б., Мирюсупова Г.М., 2018
© «Жазушы» нашриёти, 2018
Тамоми ҳуқуқҳо муҳофизат гардида моликияти ҳуқуқии нашр ба нашриёти “Жазушы” таалluқ дорад.

Боби якум

# Ҳама дар бораи ман



# Дарси 1 САЛОМ МАКТАБ



**1. Сӯҳбат мекунем.**






**2. Гӯш мекунем.**

## Мактаб.

Мактабам, нури дидагонам ту,
Мактабам, умри ҷовидонам ту.
Мисли модар муҳибу ғамхор,
Мактабам, ёри меҳрубонам ту.
Мактабам, эй макони илму фан,
Мактабам, зебу ҳусни ин гулшан.
Меҳри ту дар дилам макон дорад,
Мактабам, эй рафиқи ҷонам ту!

**3. Фикр кунед.**
Хонед.Чанд ҷумла хондед?

Таътили тобистона гузашт. Мактаб ба рӯи мо оғӯш кушод. Мо шоду хурсанд ба мактаб меоем.

**4. Нависед.**
Хонед ва нависед.

Мо китобро дӯст медорем. Китоб дӯсти мо аст.Китоб ба мо дониш медиҳад.

Дар хотир доред!
Ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад. Дар охири ҷумла (.) аломати нуқта гузошта мешавад.

**5. Фикр кунед.**
Хонед. Барои чӣ ин хел гуфта шудааст?

Камдонӣ – аз камхонӣ аст.

Китоб
мактаб

Аз матн мазмуни шеърро фаҳмидем

## Дарси 2 ХОТИРАҲОИ ТОБИСТОН

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расм нақл кунед.



**2. Дар хотир доред!**

Ҷумлаҳо аз калимаҳо иборат аст.
Калимаҳо аз ҳиҷоҳо иборатанд.
Ҳиҷоҳо аз ҳарфҳо иборат аст.
Ҳарфҳо аз овозҳо иборат аст.

 3. Хонед.

## Анор.

Анори мо чунин аст
Мисли асал барин аст.
Давои дарди дилҳо.
Табиб гуфто ҳамин аст.

*И. Абдуллозода.*



1. Чанд ҷумла хондед?
2. Шеър дар бораи кадом мева сӯхан меронад?

 4. Сӯҳбат мекунем.

Дар фасли тобистон кадом намуди меваҳо мепазанд ?

Ба расмҳо нигоҳ карда номи меваҳо ва сабзавотҳоро номбар кунед.



**4. Ҷавоби чистонро ёбед ва**

Нависед.
Мехи заррин,
Таги замин.
Ҷавоби чистонро ба ҳиҷо ҷудо кунед.



**5. Гӯш мекунем**

## Хотираҳои тобистон.

Ҳавои форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштаҳои гуногун ва бо пахтаи сафед пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурху сафед парида мегарданд. Паррандаҳо бо овози шӯх месароянд.

*С. Айнӣ.*

**6. Кор бо гурӯҳ**

Дар мавзӯи тобистон постер созед.

**7. Нависед.**

Ҷавоби чистонро ёбед?

По дораду даст не,
Тоҷ дораду тахт не.

Шапалак
Парранда

Дар гурӯҳ кор карданро омӯхтем

# Дарси 4 ҲАЙВОНҲОИ ДӮСТДОШТАИ МАН

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расм нигоҳ кунед. Оё шумо ҳам ҳамон гуна дӯстон доред?

Дар бораи онҳо нақл кунед.



**2. Хонед. Матн аз чанд калима иборат аст.**

Собир сагчаи худро хеле дӯст медорад. Ӯ ба сагчааш Алопар ном гузошт.



**3. Нависед. Ба зери ифодакунандаи номи ҳайвон хат кашед.**

Гамбӯсак аз хасу хошок хонаи хасин, Барфак

**4. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ карда номи қаҳрамонҳои афсонавиро ёбед.







**5. Хонед.**

## Сагчаи Малла.

Сагчаи Малла,
Накун ту алла.
Охир ту посбон,
Дар ин хонадон.



**6. Фикр кунед.**

1. Дар шеър сухан дар бораи кадом ҳайвон меравад?
2. Ба сагча чӣ ном гузоштааст?
3. Шумо ба сагчаи худатон чӣ ном гузоштед ?



Номи ҳайвонҳое,ки дар расм тасвир ёфтааст номбар кунед.

**7. Дар хотир доред !**

Ному насаби одамон ва ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Посбон
Дӯст
Қаҳрамон

Мо номи одамон ва ҳайвонҳоро бо ҳарфи калон навиштанро омӯхтем.

# Дарси 4 ДАВРАИ ХУШБАХТИИ МАН. ОВОЗ ВА ҲАРФ

**1. Фикр кунед.**

Хонед. Ҷавоби чистонро ёбед.

Панҷ дӯсти нобаробар,
Кор мекунад баробар

**2. Хонед.**

## Духтарчаи ман.

Духтарчаи хушрӯи ман,
Тозон биё бар сӯи ман.
Бӯсида аз ду рӯи ту
Бо меҳр гирам дар барам.

*Ҳадиса Қурбонова.*



**3. Фикр кунед.**

Калимаи духтарча чанд ҳарф дорад?

**4. Дар хотир доред!**

Овозҳо бо ҳарфҳо навишта мешаванд.

**5. Нависед.**

Фарқи ин калимаҳоро ёбед?

Шона – хона, мӯза – кӯза, лола – лона.

Ба зери калимаҳое, ки маънои калимаро дигар кардааст хат кашед.

**6. Фикр кунед.**

Ба расм нигоҳ карда ба духтарча ном гузоред ва ҷумла тартиб диҳед.



Калимаҳое, ки бо як ҳарф маънояш дигар мешавад, ёбед.
Нон – дон, пахта – ....., боғ – ..., мӯй – ...

Тозон
Хушбахт
Нобаробар

Мо овозҳоро бо ҳарфҳо навиштанро омӯхтем.

# Дарси 5 ХОНАИ МАН

**1. Фикр кунед.**

Аз рӯи расм истифода бурда матн тартиб диҳед.



**2. Нависед**

Номи ашёҳои хонаро нависед.






Дар хонаи шумоён кадом ашёҳо ҳаст илова карда нависед.

**3. Фикр кунед.**

Хонед. Кадом ҳарфҳо маънои калимаҳоро тағир дод?

## Ҷӯй – мӯй, лой – пой,.......................................

Маънои калимаҳоро фаҳмонед.

**4. Фарқи хонаҳоро ёбед?**





**5. Нависед.**

Аз рӯи расм номи ашёҳоро ёбед ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

**6. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед?

Чор по дораду бе даст,
Ба рӯяш одам нишаст.



чӯй
рӯй

мо ба расм нигоҳ
карда тартиб додани
ҷумларо ёд гирифтем

## Дарси 6 ЛИБОСҲОИ МАН

**1. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ карда номи либосҳоро номбар кунед.











**2. Дар хотир доред !**

Калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд.

**3. Хонед.**

Шеърро ифоданок хонед.

## Холаи зардӯз

Холаи зардӯз,
Ба ман тоқӣ дӯз.
Ё тоқиам дӯз.
Ё маро омӯз.
Шояд ягон рӯз,
Ман шавам зардӯз!

*Г. Сулаймонова.*



**Савол ва супориш:**

1. Духтарак ба холаи зардӯз чӣ мегӯяд?
2. Орзуи духтаракро шарҳ диҳед.
3. Дар оянда шумо кӣ шудан мехоҳед?

**3. Нависед.**
Калимаҳои зеринро рӯнавис кунед.

Курта, нимкурта, шим, костюм, пешдоман, тоқӣ, телпак, палто, ҷома, калӯш.

**4. Фикр кунед.**

Ба расм нигоҳ карда дар бораи ҳулқу-атвори бачаҳо сухан ронед.





**5. Зарбулмасалро хонед ва нависед.**

Бо моҳ шинӣ – моҳ шавӣ,
Бо дег шинӣ – сиёҳ шавӣ.

Ҷома
Пешдоман

Ба фаслҳо нигоҳ карда либоспӯширо омӯхтем

# Дарси 7 КӢ ШУДАН МЕХОҲАМ

**1. Хонед.**

Ҳунар омӯз к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

**2. Фикр кунед.**

Ба расмҳои додашуда нигоҳ карда касби онҳоро муайян кунед.








**3. Дар хотир доред.**

Овозҳоро мо мешунавем ва талаффуз мекунем.
Ҳарфҳоро мебинем, мехонем ва менависем.

**4 Нависед.**

Калимаҳои зеринро хонед ва ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Дӯзанда, шифокор, муаллим, сохтмон, ошпаз, ронанда, лётчик, сартарош, санъаткор, раққоса.

**4. Хонед.**

## Шифокор.

Ман ҳам мешавам шифокор,
Шифокори тезкор.
Мехоҳам, ки дар дунё,
Набошад каси бемор.

*А.Баҳорӣ.*



Ронанда
Шифокор
Бемор

Мо аз рӯи расмҳо касбҳоро интихоб карданро омӯхтем.

Дарси 8

# ХӮРОКҲОИ ДӮСТДОШТАИ МАН

1. Хонед.

## Дар дӯкони хӯроквори.

Ин ҷо дӯкони хӯроквори аст. Он дар назди хонаи мо ҷойгир мебошад.

Аз ин дӯкон аз пагоҳ то бегоҳ хӯрокворихои заруриро метавон харид.

Дар он ҷо нон, шир, қаймоқ, шакар, ҷурғот, намак, гӯшт, равған, ҳаргуна обҳои шифобахш ба фурӯш мераванд.

2. Фикр кунед.

Дар расм кадом хелҳои хӯрокҳоро дида истодаед?



**3. Нависед.**

Барои тайёр кардани ин хӯрокҳо чӣ хел маҳсулотҳо лозим мешавад, нависед.

Оши палав –
Шурбо –
Манту –

**4. Нависед.**

Нависед ва ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
Шӯрбо, манту, оши палав, лағмон, қурутоб.

**5.Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Сандуқча заррин аст,
Бо лаззату ширин аст,
Ҳам дилкашу ҳам гармак.
Гӯшҳое дорад нармак.



**6. Дар хотир доред.**

Хонед ва кӯшиш кунед, ки одоби таом хӯрданро риоя намоед.

Одоби таомхӯрдан.
Аввал, бисмиллоҳ гӯй:
дуюм, пеш аз таом дастонатро шӯй:
сеюм, таом ба дасти рост хӯр:
чорум, аз пеши худ хӯр:
панҷум, ба луқмаи касе нигоҳ накун.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ.*

**7. Кор бо гурӯҳ.**

Дар бораи маҳсулотҳои хӯрокворӣ постер созед.



Луқма
Қурутоб
Ҷурғот

Мо калимаҳои нав, истифода бурдани сабзавотҳо барои хӯрокҳо ва сохтани постер доир ба хӯрокро омӯхтем.

# Боби дуюм

# Оила ва дӯстонам



# Дарси 9 МАН ДАСТЁРАКИ МОДАРАМ. ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА ҲАМСАДОҲО



**1. Хонед.**

## Духтараки дастёр.

Духтаракам – дастёр,
Духтаракам – пухтакор.
Рӯи ҳавлӣ – рӯфтагӣ,
Дегу табақ – шустагӣ.
Сари оташдон – тоза,
Тоза то – дарвоза.
Духтараки дастёр,
Маро шавад интизор.



**2. Дар хотир доред!**

Дар забони тоҷикӣ овозҳои нутқ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: садонокҳо ва ҳамсадоҳо овозҳои садонокҳо инҳоанд: А, И, О, У, Ӯ, Э.

Ин овозҳоро барои он садонок меноманд, ки ҳангоми талаффузи онҳо овоз аз даҳон бе ягон монеа берун меояд.

**3. Фикр кунед.**
Ҳарфҳои а ва о, ки дар калима партофта шудааст, ба ҷои нуқтаҳо гузошта хонед.

С...бзӣ, ш...лғам, шам...л,...бр,...фтоб, х...на.

**Калимаҳои пурра шударо рӯнавис кунед.**

**4. Нависед.**
Номи ашёҳои дар расм тасвир ёфтаро бо тартиби алифбо нависед. Ба зери садонокҳо хат кашед.



Намуна: сабзавот : пиёз, ................
мева: ангур, .....................

**5. Кор бо ҷуфт.**

Меваю сабзавотҳоро ҷудо карда кластер созед.

| | |
|---|---|
| Пухтакор<br>Оташдон<br>Дастёр | Овзҳои садонокҳоро омӯхтем.<br>Аз калимаҳо овозҳои садонокро муайян карданро омӯхтем. |

# Дарси 10 АФСОНАҲОИ ДӮСДОШТАИ МАН

**1. Дар хотир доред!**

Йодбарсарҳо 4 то буда ҳар яке 2 овоз дорад.

Ее Ёё Юю Яя

(й+э) (й+о) (й +у) (й+а)

**2. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ карда қаҳрамонҳои афсонавиро ёбед.







Афсонаҳои тасвир шударо ба хотир оред.

**3. Нависед.**
Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои садоноки мувофиқ гузошта калимаҳоро рӯнавис кунед.

Навр...з, ҳавл..., Ф...рӯза,...қуб,...рач, Ан...ра,...ҳу,...нус, ҳико..., хушб...й.

**4. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед, йодбарсарро нишон диҳед.

Дар миёни ҳавзи об
Аланга дорад алов ?



**5. Дар хотир доред!**

Дар баъзе мавридҳо дар калимаҳо овози садоноки (о) ҳамчун овози садоноки (а) талаффуз карда мешавад



**6. Хонед.**

Шеърро хонед ётбарсарҳо номбар кунед.

## Яхдон.

Яхдон чаро мегиряд?
Пурсид Аличон ҳайрон,
Модар ба ӯ бигуфто:
Охир шудаст он вайрон.
Ба мисли каси бемор,
Аз ин сабаб ҳаст, гирён



Яхдон
Ҳайрон
Гирён

Мо ба расмҳо нигоҳ карда суҳбат кардан ва қаҳрамонҳои афсонавиро муайян карданро омӯхтем.

# Дарси 11 Ман сурудхонам



1. Хонед.

### Суруди Гулнора.

Гулнора ҳамшини ман,
Ҳамсинфи дерини ман.
Дугонаи бовафо,
Ҷонаки ширини ман.
Гул дар мактаб физояд,
Мактаб зебо намояд.
Ҳусни базебаш,оре,
Дилҳои мо рабояд.



1. Шумо кадом сурудҳоро медонед?
2. Суруди дӯстдоштаи худро бо хор иҷро намоед.

**2. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ карда асбобҳои мусиқиро муайян кунед.





1. Кадом намуди асбоби мусиқиро навохта метавонед?
2. Дар бораи мактаби мусиқӣ чӣ хел маълумот доред?

**3. Нависед.**

Хонед. Ба зери овозҳои садонок хат кашед.

## Рӯзи муаллим.

Ҳар сол ҳафтаи аввали моҳи октябр ҷашни муааллимонро қайд карда мешавад.Муаллимӣ касбӣ пурифтихор аст. Ҳама аз муаллимон дарс омӯхтаанд, меомӯзанд ва хоҳанд омӯхт.

Идатон муборак, муаллимони азиз!



**4. Фикр кунед.**
Аз рӯи калимаҳои додашуда калимаҳое, бо йодбарсарҳо омадааст ёбед.

Анвар, эҳтиром, чормағз, бӯр, гӯсфанд, ем, дӯлона, тирамоҳ, жола, кабӯтар, офтоб, ёқут, Саъдӣ, йӯрға, шаш, ҳуҷра, Норак, мактаб, хурмо, пиёла, фарзанд, Умар, Яҳё,ҷуяк.



Эҳтиром
Ҷӯяк
йӯрға

Аз калимаҳо мо муайян кардани йодбарсарҳоро омӯхтем.

Дарси 12

# ҚАДРИ ВАҚТ. АҲАМИЯТИ ОВОЗҲО



**1. Хонед.**

## Ёдгор – амак.

Ёдгор – амак дуредгар аст. Ӯ одами бисёр хушгап мебошад.

Ман, Яҳё, Анвар ҳар рӯз ба назди вай меравем. Ёдгор – амак ба моён ҳунари дуредгарӣ ёд медиҳад. Мо ба корҳои ӯ ёрӣ мерасонем.

Набераи Ёдгор –амак – Сурайё дар синфи мо мехонад.



**2. Сӯҳбат мекунем.**

1. Матн дар бораи кист?
2. Шумо дар вақтҳои холӣ бо кадом корҳо машғул мешавед?
3. Ёдгор – амак ба набераҳояш кадом ҳунарро омӯхт?

**3. Дар хотир доред !**

Овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем, ҳарфҳоро мебинему менависем. Овозҳоро дарозу кӯтоҳ, пасту баланд нарму бошиддат талаффуз мекунем.

**4. Нависед.**

Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои садоноки мувофиқ гузоред.







Моҳ…  …лак  …здаҳ

**5. Хонед.**

**Матнро хонед.**

Фил ҳайвони боқувват аст. Каллаи калон дорад, ӯ ҳайвони ором аст. Аз дигар даррандаҳо наметарсад.

1. Дар машқ чанд ҷумла ҳаст?
2. Дар охири ҳар ҷумла нуқта гузоред.

**6. Тезгӯяк.**

Ин тутча читу тутча?

Қадр
Дуредгар
Ҳунар

Аз матн дуруст босамар истифода бурдани вақтро омӯхтем.

## Дарси 13 РЕҶАИ РӮЗИ МАН



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расм дар бораи реҷаи рӯзи талаба сӯҳбат гузаронед.









**2. Кор бо ҷуфт.**

Дар бораи реҷаи рӯзи худатон нақл кунед.



**3. Хонед.**

## Бо дандоншӯяк ошно шав.

Дандон бишӯй
Ҳар субҳу шоме,
Майли накӣ
Созӣ мудоме.

Гардӣ ту беғам,
Хушвақту хандон.
Бе дидаи нам,
Бе дарди дандон !



Шеърро маънидод кунед.

**4. Нависед.**
Калимаҳоро хонед.
Калимаҳои сутуни якумро бо сутуни дуюм вобаста кунед ва нависед.

| | |
|---|---|
| китоб | мехӯрам |
| расм | мехонам |
| хона | месароям |
| хӯрок | мекашам |
| суруд | мерӯбам |



**5. Хонед.**

Матнро хонед ва речаи рӯзи худро нақл кунед.

Дарс тамом шуд. Ман ба хона омадам. Хӯрок хӯрдам. Дарс тайёр кардам.Китоб хондам. Баъд ба назди Шодӣ рафтам. Мо ба мактаб рафтем.Дар мактаб мусобиқаи оббозӣ шуд.

оббозӣ
хушбахт
мусобиқа

Речаи рӯзро босамар истифода бурданро омӯхтем.

Дарси 14

# МАШҒУЛОТҲОИ ДӮСТОШТАИ МАН

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расм нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед













**2. Фикр кунед.**

1. Дар вақтҳои холи бо кадом намуди спорт машғул мешавед?
2. Кадом намуди спортро медонед?
3. Кадом намуди спорт ба шумо маъқул?
4. Барои чӣ?



**3. Дар хотир доред !**

Ҳамсадоҳо инҳоянд:
б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ.

Ҳамсадоҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷарангдор ва беҷаранг.

**4. Нависед.**

Хонед, калимаҳои ч – дорро руйнавис кунед.

Нонрезаҳоро мечиндам. Ба ёдам бачаҳои гуруснаи баъзе мамлакатҳои дунё меомад. Дар Африкаи Ҷанубӣ гӯшаҳое ҳастанд, ки кӯдакон аз гӯруснагӣ мемуранд.

Бачаҳои азиз ! Нон ҳам нон аст, нонреза ҳам нон. Нонро мисли гавҳараки чашм азиз доред. Онро аз сари роҳ, аз таги по бардоред. Ба ҷои баланд монед.

**5. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.

Танӯри тасфон,
Кулчаи хандон.
Лаълии марҷон,
Чист он ҷӯраҷон?

Варзиш
Машғулот
Марҷон

Аз расм тартиб додани ҷумлаҳоро ёд гирифтем.

## Дарси 15 ҒАМХОРӢБАПАРРАНДАГОН. АЛИФБОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**1. Дар хотир доред !**

Алифбои забони тоҷикӣ аз 35 ҳарф иборат аст.

Ҳарфҳо шакли калон доранду шакли хурд ва бо тартиби зерин ҷойгир мешаванд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ |
| Дд | Ее | Ёё | Жж | Зз |
| Ии | ӣ | Йй | Кк | Ққ |
| Лл | Мм | Нн | Оо | Пп |
| Рр | Сс | Тт | Уу | Ӯӯ |
| Фф | Хх | Ҳҳ | Чч | Ҷҷ |
| Шш | ъ | Ээ | Юю | Яя |

**2. Хонед.**
Шеърро хонед ва маънидод кунед.

## Мусича.



Мусичаи беозор
Мусичаи беқарор,
Қафои тиреза биё,
Барои нонреза биё
Нарав, нарав ту як нафас
Намекунам туро қафас,
Биё бихон ашӯлаат,
Бихон ҳамон ашӯлаат:
Ку-ку-ку-ку, баҳор шуд.
Рисқаки мо қатор шуд;

*О.Аминзода.*

**3. Нависед.**
Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои ҳамсадои мувофиқ гузошта, калимаҳоро рӯнавис кунед.

Ки…об, ша…р, тил…о, ҳа…ф, пан…, а…лочӣ, и…м, ғиж…ак, қа..моқ, бар…, а…л, лӯ…иё,…абк, теп…а.

**4. Фикр кунед.**
Аз рӯи расми додашуда қаҳрамони афсонаро ёбед ва маълумот диҳед.









**5. Тезгӯяк.**

Тезгӯякро, тез ва бурро хонданро машқ кунед.

Ин тешача, чӣ тешача,
Ин тоқчача, чӣ тоқчача.



**6. Хонед.**

Хонед калимаҳои ҳарфи садоноки ӯ- дорро нависед.

## Бобои ман.

Ман хонаи бобоямро дӯст медорам. Ҳар пагоҳӣ Шодиро ба хонаи бобоям мебарам. Баъд ба мактаб меравам. Баъди дарс ба хонаи бобоям меоям. Додарчаам Шодӣ паррандагонро дӯст медорад. Онҳоро бо шавқ тамошо мекунад.




Парранда
Шавқ
Беқарор

Мо ба паррандагон ғамхорӣ намуданро омӯхтем.

# Дарси 16 ДӮСТОНИ БОЛДОРИ МО

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расм ҳикояча тартиб диҳед.
Ба бачаҳо ном гузоред.



**2. Дар хотир доред.**

Номи одамон ва шаҳрҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад.

**3. Хонед.**

## Зоғ.

Зоғи сиёҳ нишаста,
Ба шохи дарахти мо.
Ба ӯ гуфтам андак ист,
Биёрам нону ҳалво.
Аммо ба фикрам (раҳмат),
Гуфта парид бар ҳаво.



**4. Нависед.**

Аз рӯи расм дар мавзӯи (Паррандагон дӯсти мо аст) эссе нависед.

| | |
|---|---|
| Андак<br>Дӯст<br>Фикр | Мо аз рӯи расм эссе навиштанро омӯхтем. |

# Дарси 17 САРГУЗАШТҲОИ МАН.



**1. Хонед.**
Матнро хонед. Чандто калима хондед?

## Писарак ва моҳича.

*Афсона*

Писарбачае моҳича дошт.

– Доштам,доштам,– гуён хурсандӣ кард ӯ.

Моҳича бошад,тарсону ларзон аз писар зорӣ кард:

– Маро сар деҳ, ман модарамро мекобам!

– Модаратро? Магар ту ҳам модар дорӣ?! – ҳайрон шуд бача.

Баъд аз лаҳзае гуфт:

– Бирав, назди модарат. Агар ман ҳам дер ба хона равам, модарам хавотир мешаванд, -гуфт ва моҳичаро ба дарё сар дод.

*Беҳрӯзи Аҳмад.*

1. Мазмуни матнро нақл кунед.
2. Шумо ҳам воқеаҳои аз сар гузаронидаи худро нақл кунед.



**2. Гӯш мекунем.**
Хонед. Номи одамонро номбар кунед.

## Шашто укоча дорам.

Шашто укоча дорам,
Аз ин сабаб серкорам
Диҳам ба онҳо ёрӣ,
Канӣ вақти сархорӣ?
Ба лӯхтаки Сарвиноз
Медӯзам доим либос.
Ба Ҷамшеду ба Дилшод
Хонданро медиҳам ёд.

Оварам баҳри Нодир
Аз дӯкон шакару шир.
Афсона гӯям шабҳо
Ба Мамлакату Шаҳло.
Шашто укоча дорам,
Аз ин сабаб серкорам.
Диҳам ба онҳо ёрӣ,
Канӣ вақти сархорӣ?

*Бобо Ҳоҷӣ.*

1. Мазмуни шеърро нақл кунед.
2. Аз даруни шеър номи одамонро нависед.

**3. Фикр мекунем.**
Номи шаҳрҳоро аз рӯи алфавит бо тартиб нависед.

Астана, Самарканд, Тошкент,Бухоро, Алмата, Москва, Чимкент.

**4. Фикр мекунем.**
Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқ гузоред ва нависед.

М...шин, ш...фтолу. д...вор,...ина, орз..., М...лика, х...рок, парт...

Хавотир
Серкор

Ба калимаҳо истифодабарии ҳарфҳои садонокро омӯхтем.

# Дарси 18 МАН БАЧАИ ХУБАМ. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲАРФ

**1. Дар хотир доред !**

Хурдтарин воҳиди забонро ҳарф меноманд. Ҳарфҳоро мебинему менависем. Ҳарфҳо бошад хурду калон ва дастию чопӣ мешаванд.



**2. Хонед.**

Шеърро хонед.

## Китоб.

Китоб агар бихонӣ,
Маҳбуби ҳамагонӣ.
Ҳар мушкиле пеш ояд,
Дар он ҷо дар намонӣ.
Китоб агар нахонӣ,
Нодону нотавонӣ.
Кори ту бо рафиқон,
Дашному бадзабонӣ.



Дар бораи мазмуни шеър нақл кунед.



**3 Хонед.**
Зарбулмасалро хонед. Мазмунашро нақл кунед.

1. Камдонӣ аз камхонӣ аст.

2. Китоб агар бихонӣ,
Ҳама чизро бидонӣ.



**4. Нависед.**
Матнро нависед.

Мактаб, занг, дар, тиреза, танаффус, курсӣ, офтоб, нишон, парчам, барқ, шиноснома, тахта, синф.

**Бо ду калимаи машқи боло ҷумла тартиб диҳед.**



**5. Тезгӯяк.**
Тезгӯякро аз ёд кунед.

Ин ҳандалак,
Он ҳанзалак.
Ин қандаку,
Он талхакак.

**6. Фикр мекунем.**

Аз рӯи расм истифода бурда ҳикояча тартиб диҳед.



Рафиқон
Бадзабон
Дашном

Хелҳо ва талаффузи ҳарфҳоро омӯхтем.

# Дарси 19 МАН ХУШБАХТАМ. ҲИҶО

**1. Дар хотир доред.**

Ба ҳиссаҳо ҷудо шудани калимаро ҳиҷо меноманд. Ҳиссаи калима дар алоҳидагӣ маъно надорад. Ана ҳамин ҳисса ҳиҷо ном дорад. Ҳиҷоҳо аз рӯи садонокҳо тақсим мешаванд.

Мисол: о-дам, хо-на, пи-сар-ба-ча.

**2. Хонед.**

Шеърро хонед.

## Кабки дарӣ.

Каб-ки да-рӣ,
Хуш ме-па-рӣ.
Ҷо-ят фа-рох,
Дар санг-лох.
Дар пе-ши об,
Раф-тӣ ба хоб.

Дар кӯҳ-сор,
До-рӣ қа-рор,
Бо чӯ-ча-ҳо,
То-зон биё.
Дон ме-ди-ҳам,
Нон ме-ди-ҳам!



**3. Нависед.**

Хонед ва ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Олуфта, дӯстрӯй, оча, дастшӯй, ҳавлӣ, хона, коса, боғча.

**4. Чистон.**

Аз рӯи расм ҷавоби чистонро ёбед.

Нависанда нест,
Менависад.
Хонанда нест,
Мехонад.




**5. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расм нақл кунед.



| | |
|---|---|
| Фарох<br>Қарор<br>Санглох | Аз рӯи расм нақл карданро омӯхтем. |

# Дарси 20 ОИЛА – МУҚАДДАС. МАВҚЕИ САДОНОК ДАР ҲИҶОБАНДӢ

**1. Дар хотир доред !**

Калимаҳо аз рӯи овозҳои садонок ба ҳиҷоҳо тақсим мешавад. Бо ёрии ҳиҷо калимаҳо аз сатр ба сатр гузаронида мешавад ва бо аломати тире (-) хатча ҷудо карда мешавад. Якто ҳарф аз сатр ба сатр намегузарад.

*Мисол:* мак-таб, хо-на, ки-тоб, мо-да-рам, дас-та, Яҳё, дарё.



**2. Нависед.**

Тарзҳои ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калимаҳоро бо хатча нишон дода нависед.

*Намуна:* Ас-тана, Аста-на;

Астана, талаба, муаллим, пешқадам, мактабам, имтиҳон, Тошби.



**3. Хонед.**

Аз рӯи матн калимаҳое, ки ба ду ҳиҷо тақсим мешавад, ёбед.

## Оилаи мо.

Оилаи мо калон аст. Ана бобоям омад. Дар паҳлӯяш модаркалонам. Модари ман муаллима аст. Вай модари ғамхор мебошад. Падарам коргари идора. Ман хоҳар дорам, номаш Заррина. Худи ман, Ӯктамҷон, дар синфи дуюм мехонам.

Мо ҳама вақт якҷоя хӯрок мехӯрем.Бобоям маро доимо дар назди худ шинонда, одоби таомхӯриро ёд медиҳанд. Мо ба гапи калонсолон доимо гӯш мекунем.

**4. Аниқ мекунем.**

Аз рӯи расм калимаҳои сеҳиҷодор ва чорҳиҷодорро ёбед.





**5. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расм дар бораи оилаи худ нақл кунед.



Идора
Коргар
Ғамхор

Аз рӯи матну зарбулмасал ҳурмати падару модар ва ғамхории онҳоро фаҳмидем.

# Дарси 21 ОИЛАИ МО

**1. Хонед.**

## Оилаи ман.

Падари ман Тошматов Юлчибой дар мактаб кор мекунад. Вай муаллим аст. Модарам Тошматова Шапоҳат хонашин аст. Вай бародару хоҳарамро тарбия мекунад.

Ман мактабхонам. Хоҳарам Ноила панҷсола мебошад. Вай ба боғча меравад.

Савол ва супориш:

1. Шумо ҳам дар бораи оилаи худ нақл кунед.
2. Калимаҳои ишорат шударо ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**2. Дар хотир доред!**

Ҳиҷо ду хел мешавад: агар бо садонок тамом шавад, онро ҳиҷои кушода меномем : бо-бо, хо-ла.

Агар бо ҳамсадо тамом шавад, ҳиҷои баста меномем: боғ-бон, сар-кор, ҳам-синф.

**3. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

Фарзанд, хоҳарам, Карим, Ситора, хушбахт, меҳрубон.

**4. Аниқ мекунем.**

Дар шеъри зерин дар бораи кӣ сухан меравад.

## Модарҷонам, модарам.

Модарҷонам, модарам,
Хеле дӯстад медорам.
Бароям ту ягона,
Ин файзи дару хона.
Саҳар хези модарам,
Боғча бари додарам.
Равлӣ рӯбӣ шитобон,
Ош мепазӣ давон-давон.
Тозон равӣ ба бозор,
Бардорӣ бори бисёр.
Бовар намо, модарҷон.
Аз ҳама худат чаққон,
Аз додоям худат зӯр.
Аз акоям худат зӯр,
Ҳамеша бошӣ ҷавон,
Пир нашав, эй модарҷон!

Аз даруни шеър калимаҳои якхиҷодорро ёбед.

**5. Фикр мекунем.**

Аз расм рӯи нақл кунед.



Шитоб
Ягона
Дӯст

Калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо карданро омӯхтем.

Дарси 22

# ЯК РӮЗИ ОИЛАИ МО. БА ҚИСМҲО ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМА



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Нақл аз рӯи расм.



1. Оилаи шумо аз чанд нафар иборат аст?
2. Оилаи хушбахт гуфта чӣ хел оиларо медонед?



**2. Кор бо ҷуфт.**

Бо ҳамсинфатон дар бораи оилатон сӯҳбат гузаронед

**5. Нависед.**
Матнро хонед. Калимаҳои ҳарфи ӯ-дорро нависед, ба қисмҳо ҷудо кунед.

## Дӯстӣ.

Маънои дӯст рафиқи меҳрубон, дилсӯз, ошно ва ғамхор аст. Ҳеҷ гоҳ дӯстиро фаромӯш накунед. Ин калимаи мӯътабарро ҳурмату эҳтиром намоед. То тавонед, дӯсти бисёр пайдо кунед...

**6. Кор бо гурӯҳ.**
Ба ҳиҷоҳои дар зери расмҳо буда яктогӣ ҳиҷо илова карда, калима созед ва нависед.


...ра,


..рӯс,


тар...,


чой....

Фаромӯш
Дилсӯз

Ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳоро ёд гирифтем.

# Дарси 23 ҒАМХОРОНАМ. ФАҲМИШ ДАР БОРАИ ЗАБОН

**1. Дар хотир доред !**

Забон муҳимтарин воситаи алоқа бо мардумон аст.

**2. Сӯҳбат мекунем.**





**3. Нависед.**

Аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Нон, дафтар, бобо, парранда.



**4. Хонед.**

Ҳикоячаи зеринро хонед.

## Аз ҳама нағзтар аст.

Дар як кӯчаи серодами шаҳр духтарчаи хурдакак бо модараш мерафт. Духтарча дар назди дӯкони калони зоча-фурӯшӣ бозичаҳои гуногун, лӯхтак ва тӯбҳои рангорангро диду тамошо карда истод.Модараш дар ин вақт ба дӯкони дигар даромад. Духтарча модарашро ҷустуҷӯ карда, ба ҳар тараф давид. Вай модарашро ёфта натавонист ва гиря кард. Одамон аз ӯ пурсиданд:

– Модари ту чӣ гуна аст?

Духтарча гирякунон гуфт:

– Амак, наход ки шумо надонед?

Модари ман аз ҳама нағзтар аст!

1. Духтарча бо модараш ба куҷо рафт?
2. Барои чӣ ӯ модарашро аз ҳама нағзтар гуфт.

**5. Фикр мекунем.**

Ба расм нигоҳ кунед, гӯед ки падару модар ба шумоён чи хел ғамхорӣ карда истодаанд.



Мағоза
Амак

Аз калимаҳо, ҷумлаҳо тартиб доданро омӯхтем.

# Дарси 24

# ИД ДАР ОИЛАИ МО. ОВОЗ ВА ТАРЗИ НАВИШТ

**1. Дар хотир доред !**

Овозҳоро мо мешунавем ва талаффуз мекунем. Ҳарфҳоро бошад мебинем ва менависем. Ҳарфҳо бошад хурду калон, дастию чопӣ мешаванд.

**2. Хонед.**

Шеърро ифоданок хонед.

## Суманак.

Суманаки нав,
Ҳаловати ҷон.
Меояд аз ту,
Бӯи баҳорон.
Шабҳо нишаста.
Хурсанду хушҳол,
Модарам туро.
Мепазад ҳар сол.
Гарчи монандӣ,
Ба ҳалвои тар.
Аммо аз ҳалво,
Ту болаззаттар.
Мо ба ҳар хона,
Туро кашонем.
Ба ҳамсояҳо,
Идӣ расонем.



*А.Furthermore*

**Дар оилаи шумо кадом идро ҷашн мегиранд.**

**3. Нависед.**

## Ид дар мактаб.

Мактаби мо ид дорад. Карнайчӣ менавозад, нағорачӣ нағора мезанад. Зубайда мерақсад. Одамон базмро бо завқ тамошо мекунанд. Базми имрӯза хуб гузашт.

**4. Аниқ мекунем.**
Ба расмҳо нигоҳ кунед. Дар расм кадом идҳоро ҷашн мегиранд.









**5. Кор бо гурӯҳ.**
Аз рӯи расмҳои дилхоҳ постер созед.

Ид
Карнайчӣ
Базм

Ба расмҳо нигоҳ карда постерсозиро омӯхтем.

# Дарси 25 ФАРЗАНДИ НАҒЗ – БОҒИ ПАДАР. ЗАБОНҲОИ ҲАМДӮСТӢ АШЁҲОИ ЗАБОНӢ ВА ҒАЙРИЗАБОНӢ



**1. Хонед.**

## Падар ва писаронаш.

Пирамарде чор писар доштааст. Писаронаш якдигарро бад медиданд. Падар ба писаронаш фармудааст, ки онҳо навдаро шикананд. Писарон шикаста натавонистанд. Онҳо навдаҳоро яктогӣ бо осонӣ шикастанд.



Падар ба писаронаш чӣ насиҳат кард?

**2. Зарбулмасал.**

Зарбулмасалҳоро хонед маънидод кунед.

Фарзанди нағз – боғи падар,  
Фарзанди бад – доғи падар.

* * *

Бо моҳ шинӣ – моҳ шавӣ,  
Бо дег шинӣ – сиёҳ шавӣ.

**3. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба ҳиссаҳо ҷудо карда нависед.

Ватан, модар, чашм, чашма, кишвар, Қазоқистон, кабк, тирамоҳ, синф, ҷумҳурият.

**4. Дар хотир доред!**

Агар калима ба сатр нағунҷад, мо калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ҳиссаи онро ба сатри дигар мегузаронем.Дар вақти ба сатри дагар гузаронидани ҳиссаи калима хатча (-) гузоштан лозим аст.

Калимаи якҳиҷодорро аз сатр ба сатри дигар гузаронида намешавад.

**5. Гӯш мекунем.**

## Панди падар.

Шеъри Ҷомиро хонӣ,
Панди Саъдиро донӣ,
Меҳри модар меояд,
Бӯи додар меояд,
Бӯи сулҳу амонӣ,

Дӯстиву зиндагонӣ,
Бӯи меҳнат дар он аст,
Маънояш як ҷаҳон аст,
Чун панди падар бошад,
Ҳар кӣ баҳравар бошад.

*Қурбон Муҳаммадӣ.*

Боғ
Доғ
Фарзанд

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда аз сатр ба сатр гузарониро омӯхтем.

# Дарси 26 МЕҲМОННАВОЗӢ. НУТҚИ ДАҲОНӢ ВА ХАТТӢ

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**2. Хонед.**

Шеърро хонед, мазмунашро маънидод кунед.

## Тӯйча.

Мӯрчабибӣ хона рӯфт.
Мӯрчабибӣ шолӣ кӯфт.
Мӯзачаи локӣ дӯхт,
Куртачаю тоқӣ дӯхт.
Сонӣ давид дар ба дар,
Кард ба тӯяш хабар.
Меҳмонакон омаданд,
Хурду калон омаданд.
Кулчаи ҷав марҳамат!
Оши палав марҳамат !
Мӯрчабиби тӯйча кард,
Дар лабаки ҷӯйча кард.

**4. Дар хотир доред!**

1. Ҳарфи “й” пеш аз садонокҳои а, о, у, е ояд, дар якҷоягӣ бо ин садонокҳо бо як ҳарф (ёдбарсар) навишта мешавад: ӣ+а = я, й+у= ю, ӣ+о= ё, й+е = е: якҷоя, Юсуф, дарё, чою нон, рӯе дилкаш ва ғайра.

2. Дар мобайн ва охири калима дар байни садонокҳо дар талаффуз ҳамсадои “й” авзоиш ёбад ҳам, навишта намешавад: хонаи нав, моҳии тилло, чораи бечорагон.

3. Вале калимаҳое,ки таърихан дар таркиби худ ҳамсадои “й” доранд, аз ин қоида истисно мебошанд: чой ( чойи кабуд), пой ( пойи рост ), мӯй (мӯйи сафед), рӯй (рӯйи зебо ).

**5. Нависед.**

Хонед ва нависед. Ба зери калимаҳои ҳарфи “й” дор хат кашед.

Падарам чой ва чойник харида омад. Ман ҳар рӯз нону қаймоқ мехӯрам. Дар пахтазори ҷамоаи мо ғумой нест.Бачаҳо барои футболбозӣ майдонча сохтанд. Мактаби мо байрақ дорад.

**6. Нависед.**

Хонед ба ҷои нуқтаҳо ҳарфи “ й”-ро гузошта рӯйнавис кунед.

Чойхона, ҳайрон, маймун, ҳайвон, карнай, сурнай, ҷайра, майда, райҳон, вайрон, айвон, комбайн, майна.

**7. Фикр мекунем.**
Аз рӯи расмҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.








**8. Тезгӯяк.**
Тезгӯякро аввал оҳиста, баъд тез хонед.

Аспам лойолуд, ёли аспам лойолуд.

Тоқӣ
Ҷуйча
Чайра

Калимаҳоро пурра карда навистанро омӯхтем.

# Дарси 27 МАН, МОДАР ВА ПАДАРАМ СПОРТЧИЁНЕМ

**1. Фикр мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.



1. Ба шумо кадом намуди спорт маъқул аст?
2. Дар оилаатон бо кадом намуди спорт машғӯл мешавед?
3. Оё шумо бозии “баскетбол” ро иҷро карда метавонед?
4. Шумо ба футболбозӣ ҳавасмандед?




**2. Хонед.**

## Футболбозӣ.

Мо ду команда ташкил кардем.Ба якеаш “Зарафшон” ном гузоштем. Дигарашро “Ғалаба” номидем. Дониёр капитани “Зарафшон” интихоб шуд. Ашӯрро ба командаи “Ғалаба” капитан таъин карданд. Бозӣ сар шуд. Командаи мо ба дарвозаи “Зарафшон” се тӯб зад. Дарвозабони мо моҳирона бозӣ кард. Ӯ тӯби ҳарифро аз дарвоза нагузаронд. Мо бозии якумро бурдем.

**3 Нависед.**

Матнро рӯнавис намоед.

Олим ба мактаб омад. Дар синф муаллимаро дид. Салом дод ва ба ҷояш нишаст. Олим бо Анвар ва Асад ҷӯраи ҷонӣ мебошад.

**4. Фикр мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба бачаҳо ном гузоред.



Футбол
Баскетбол
Оббозӣ

Мо ба расмҳо назар карда намудҳои спортро омӯхтем.

# Дарси 28 ТОЗАГӢ – ГАРАВИ САЛОМАТӢ. МАДАНИЯТИ СУХАН ВА МУОМИЛА

**1. Сӯҳбат мекунем.**
Аз рӯи расм дар бораи тозагӣ сӯҳбат мекунем.



**2. Хонед.**
Матнро хонед. Ашёҳои хонаатонро номбар кунед.

## Хонаи мо.

Хонаи мо ду ҳуҷра дорад. Дар як ҳуҷра кати мулоим гузошта шуда, дар девори он қолине овезон аст. Дар ҳуҷраи дигар мизи корӣ ҷойгир мебошад. Дар ҷевон китобҳо бо тартиб гузошта шудаанд. Пардаҳои гулдори тирезаҳо ҳуҷраҳоро оро медиҳанд. Мо хонаро доимо тозаву озода медорем.

**3. Нависед.**

Матнро рӯнавис кунед.

Расул барвақт аз хоб хеста, ба варзиши бадан машғул мешавад.Баъд дасту рӯй ва дандонҳояшро шуста, наҳорӣ мекунад.

**4. Аниқ мекунем.**

Аз рӯи расм ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Бачаҳо бо кадом корҳо машғуланд?
2. Тоза ва озода нигоҳ доштани синфхонаҳо чӣ  аҳамият дорад, баён намоед.





**5. Тезгӯяк.**

Тезгӯякро аз ёд кунед.

Додои додом бобои ту,
Додои бобом бобои ӯ.



**6. Фикр мекунем.**

Ребусҳоро пурра кунед.







...зор, ...ак ақл....

Тозагӣ
Қолин
Кат

Мо ребусҳоро пурра карданро омӯхтем.

# Дарси 29 ҲАМСОЯҲОИ МАН. ҲАРФҲО ДАР АВВАЛИ КАЛИМА

**1. Сӯҳбат меккунем.**

Сӯҳбат аз рӯи расм.




**2. Дар хотир доред.**

Дар аввали ҷумла калима бо ҳарфи калон навишта мешавад.

*Намуна:* Дарс тамом шуд.

**3. Нависед.**

Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта матнро рӯнавис кунед.

Ҷамила ҳаштсола.... Ӯ дугонаҳояшро ба... даъват кард. Фирӯза ба дугонааш... тақдим намуд. Ҷамила ба ӯ... гуфт.

*Калимаҳо барои истифода:* тӯҳфа, меҳмонӣ, ташаккур, шуд.

**4. Хонед.**

## Саги доно.

Шокир аз зоти овчарка саге дошт. Номи ӯро Ҳушёр монд. Ҳушёр бисёр доно ва зирак буд. Рӯзе ҷӯраи Шокир -Ҳасан ва Бобик ном сагаш ба хонаи Шокир омад. Ҳушёр ва Бобик ба зудӣ дӯст шуданд. Бачаҳо дар наздикии сарҳад зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба саҳро баромаданд. Дар бозгашт Ҳушёр заминро бӯй карда, ба қамишзор даромада рафт.Ҳушёр аккос зада гӯё ҷеғ мезад. Бачаҳо давида рафтанд. Дар он ҷо як шахси бегона меистод. Ҳушёр ӯро роҳ гаштан намемонад.



**5. Сӯҳбат мекунем.**

Бо дӯстатон аз рӯи расм дар мавзӯи “Ҳамсояҳои ман”  сӯҳбат гузаронед.



Сарҳад
Қамишзор
Аккос

Мо ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳо гузошта, маънои ҷумларо пурра карданро омӯхтем.

Дарси 30

# ДӮСТОНИ МАН. ОВОЗҲОИ НУТҚ



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Нақл аз рӯи расм.



**2. Дар хотир доред!**

Овозҳои нутқ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад.

1. Садонокҳо
2. Ҳамсадоҳо

**2. Хонед.**
Шеъppo хонед.

## Қисса.

Очаҷон, як қисса гӯ,
Як қиссаяки хушрӯ.
Як қиссаи наву соз,
Қиссаи дуру дароз.
Очаҷон, як қисса гӯ,
Дар ин қиссаяки ту.

Гурбаю муш набошад,
Заргӯш бегӯш набошад,
Хирсак нодон набошад,
Оҳу ҳайрон набошад,
Рӯбоҳ бе дум набошад,
Айёру шум набошад...

*Гулчеҳра Сулаймонова.*

**3. Нависед.**
Ба саволҳо ҷавоб нависед.

1. Дӯстони шумо киҳоянд?
2. Бо дӯстони худ бо кадом бозиҳо машғул мешавед?

**4. Зарбулмасал.**
Зарбулмасалро аз худ кунед.

Забонро ба гуфтори бад одат макун.

**6. Аниқ мекунем.**

Дар рӯзи таваллуди Соро дӯстони ӯ ба вай тӯҳфаҳо доданд. Ба Соро ки чӣ хел тӯҳфа дод,аз рӯи расм аниқ кунед.









Дӯст
Қисса
Машғул

Овозҳои садонок ва ҳамсадоро омӯхтем.

# Дарси 31 МАН АДАБРО АЗ КӢ МЕОМӮЗАМ. ТАРТИБИ ҲАРФҲО

**1. Дар хотир доред.**

Алифбои забони тоҷикӣ аз 35 ҳарф иборат аст.

Ҳарфҳо шакли калон доранду шакли хурд ва дар ҷадвал ба тартиби зерин ҷойгир мешаванд.



**2. Хонед.**

Матнро хонед.

## Ман адабро аз кӣ меомӯзам?

Хушмуомилагӣ яке аз беҳтарин хислатҳои инсон аст.

Одами хушмуомиларо ҳама дӯст медорад. Хушмуомила буданро, пеш аз ҳама, мо дар хона аз падару модар меомӯзем. Баъди он ки мактабхон мешавем, муомилаи некро аз муаллимони меҳрубонамон ёд мегирем. Ман кӯшиш мекунам, ки ҳар як панди накӯи онҳоро ба гӯш гирам ва ҳамеша аз рӯи гуфтаашон рафтор кунам.



**3. Нависед.**

Матнро рӯнавис кунед.

Субҳ медамид. Хурӯсҳои деҳа чеғ мезананд. Зебо аз хоб хест. Ӯ дасту рӯяшро шуста, ба бузу гӯсфандон ем дод.

**4. Фикр мекунем.**

Аз рӯи расм истифода бурда дар бораи одобу ахлоқ маълумот диҳед.



**4. Чистон.**

Чистонро рӯнавис карда ҷавобашро ёбед.

Ҳама чизро медонад,
Доим мададгори туст.
Оқилу доно шавӣ,
Дорӣ агар ӯро дӯст?

| Мададгор<br>Оқил | Аз рӯи расмҳо ҷумла тартиб доданро омӯхтам. |
|---|---|

# Дарси 14 ОРЗӮИ МАН. ОВОЗҲОИ САДОНОК

**1. Аниқ мекунем.**

Дар ин расмҳо кадом касбҳо тасвир шудааст.











Кадом касбро шумо интихоб мекунед?

**2. Хонед.**
Матнро хонед.

## Ман ба модарам ёрӣ мерасонам.

Модарам хамир карданӣ шуд.

– Эргашҷон, писарам, элакро гирфта биё!– гуфт.

Ман ба модарам элакро оварда додам. Баъд бо додарҷонам Эҳсонҷон бозӣ кардам.Модарам ордро аз элак гузаронд. Дари ҳавлиамон кушода шуд.

– Эй, биё, тӯббозӣ!– гуфт ҷӯраам, Далер, маро ҷеғ зада.

Ман нарафтам, чунки ба модарам ёрӣ медодам. Охир, касе набуд, ки Эҳсонро нигоҳ кунад. Ман модарамро эҳтиром мекунам

Ва ба корҳои ӯ ёрӣ мерасонам.

**3. Нависед.**
Нависед, калимаҳои зерин чанд садонок доранд?

Табиат, самбӯса, дастрӯймол, амма, дарвоза, курта, пойафзол, китобхона, чойхона.

**4. Гӯш мекунем.**

## Орзӯи ман.

Мову ту равем,
Ба ҷоҳои дур.
Саёҳат кунем,
Саёҳати зур.

Аввал биравем.
Ба шаҳри Чимкент,
Сонӣ Алмата
Баъд ба Астана.

*А.Шукӯҳӣ.*

**5. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Мепараду параш не,
Мешинаду пояш не.

Орзу
Саёҳат
Астана

Аз ин дарс садонокҳоро муайян карданро омӯхтем.

# Дарси 33 МО ТАРАФДОРИ СУЛҲЕМ. ҲАМСАДОҲО

**1. Дар хотир доред!**

Овозеро, ки ҳангоми талаффузи он ҳавои аз шуш бароянда ба монеаҳо дучор шуда ба берун мебароянд, ҳамсадо меноманд.

**2. Сӯҳбат мекунем.**

1. Достонбек ба дӯстони худ дар бораи бобои худ гап зад.
2. Ба онҳо расми бобояшро нишон дод.
3. Ба расми бобои ӯ нигоҳ карда эътибор диҳед.
4. Дар бораи бобои ӯ шумо чӣ мегӯед?





**3. Хонед.**

## Сулҳ.

Сулҳ мехоҳад дили пурмеҳри модарҳои мо,
Сулҳ мехоҳад падар бобою хоҳарҳои мо,
Сулҳ мехоҳад найи чӯпонии аҷдоди ман,
Сулҳ мехоҳад Замину боғи навободи ман,
Сулҳ мехезад зи ҷуй оброни покбин,
Сулҳ мехезад сӯзӣ синаи ҳар пахтачин.
Сулҳ дунёро чунин номи гуворо нест-нест,
Дар ҷаҳон аз ин сухан зӯру тавоно нест-нест.
Сулҳ пошад шӯълаи хуршед бар рӯи замин.
Сулҳ бошад зиндаву ҷовид дар рӯи замин.

*Саттор Шокирзода.*

**4. Зарбулмасал.**

Аз хубон ибрат гир,
Аз бадон гурез

**5. Нависед.**

Ҷумлаҳоро хонед, ба дафтаратон навишта гиред.Ба зери ҳамсадоҳо хат кашед.

Пӯлод аз мактаб омад. Такрор модари дониш аст. Ёқут санги қимматбаҳост. Дар фасли тирамоҳ борон меборад.

**6. Фикр кунед.**

**Ба расмҳо нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.**



| Дониш<br>Ёқут | Чӣ гуна талаффуз кардани ҳамсадоҳоро омӯхтем. |
| --- | --- |

## Дарси 34 СУЛҲИ ПОЙДОР. ҲАМСАДОҲОИ ТАКРОР

**1. Хонед.**
Матни шеърро хонед.

### Якуми май.

Имрӯз ид аст иди май,
Ид аст дар рӯи ҷаҳон,
Иди баҳори зиндагӣ.
Иди баҳори дӯстон.

Майдону боғу кӯчаҳо
Пурбайрақу пур аз суруд,
Ҳатто табиат кардааст,
Дар худ либоси хушнамуд.

Садҳо кабӯтарҳои сулҳ
Бикшода боли хешро,
Шодона бозӣ мекунанд
Дар осмони софи мо.

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**2. Фикр кунед.**
Аз рӯи расм муайян кунед, ки кадом идро ҷашн мегиранд.



**3. Дар хотир доред!**

Дар баъзе калимаҳо ҳарфҳо такрор шуда меоянд. Онҳоро ҳамсадаҳои шадда (ташдид ) меноманд.

*Мисол:* амма, қулла, парранда.

**4. Нависед.**

Калимаҳои зеринро диққат карда хонед ва ба дафтаратон нависед.

Ғиҷҷак, диққат, баққол, қувва, қурбоққа, иттифоқ, Заррина, даррав, шиддат, амма, калла, Саттор.

Баққол
Ғиҷҷак

Аз калимаҳо ҳамсадоҳои такрорро муайян кардем.

## Дарси 35 ШИНОСОЙ БО ДӮСТОНАМ. ТАҚСИМ КАРДАНИ КАЛИМАҲО БА ҲИҶО

**1. Дар хотир доред!**

Дар ташкили ҳиҷо садонокҳо муҳиманд. Ҳиҷоҳо бо як садоноку бо як ҳамсадо, бо як садоноку бо ду се ҳамсадо сохта мешавад.

Мисол: об, нон, боғ, ғалла.



**2. Кор бо ҷуфт.**

### Шиносой бо дӯстам.

– Номи ту чист?
– Номи ман Далер.
– Номи ту чист?
– Номи ман Фотима.

– Ин кист?
– Ин толиба (духтар )
– Номаш чист?
– Нилуфар.



– Ин кист?
– Ин талаба (писар)
– Номи ӯ чист
–Аҳмадҷон.



**3. Хонед.**
Матнро хонед.

## Дӯстӣ.

Зиндагӣ бо дӯстони вафодор хуш аст. Ба одамон вафодорона карда тавонӣ, хеле хуб аст. Дӯсти ҳақиқӣ ба ту то охир содиқ аст. Ту аз ӯ чизеро бояд пинҳон надорӣ. Вай аз ту кори хубро ёд мегирад. Дар бораи камбудиҳоят рӯирост мегӯяд. Вай барои ба ту ёрӣ додан ҳамеша тайёр аст. Бо дӯсти нағз кори вазнинро осон иҷро мекунӣ.

**4. Нависед.**
Калимаҳои зеринро ба ҳиссаҳо ҷудо карда нависед.

Ватан, модар, чашм, чашма, кишвар, дарё, ошёна, истгоҳ, табассум, қалам, талабаҳо.

**5. Фикр кунед.**

1. Номи ҳамсинфҳоятонро ба хотир оред.
2. Номи одамон бо кадом ҳарф навишта мешавад?
3. Номи ҳамсинфҳоятонро ба сутун ҷудо карда нависед.

*Мисол:* Олим Азиза

**6. Зарбулмасал.**

Аввал бубин ҷои худ,
Баъд бимон пои худ.

Ошёна
Истгоҳ

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кардем.

# Дарси 36 ТАБРИКИ ДӮСТ. ЗАДА. МАВҚЕИ ЗАДА

**1. Дар хотир доред.**

Ҳиҷоҳое, ки шиддатноктар талаффуз карда мешавад, зада ном дорад.



**2. Фикр мекунем.**
Хонед. Ситора ба дугонааш Мафтуна чи гуна табрикнома навиштааст.

## Табрикнома.

Дугонаам Мафтуна! Ман туро бо зодрӯзат табрик мекунам. Ба ту умри дароз, дар хонданат муваффақият орзӯмандам.

Шумо бояд табрикномаро чӣ тавр менавиштед?



**3. Тезгӯяк.**

Шаби шанбе шамол шуд,
Шамолак аз шимол шуд.



**4. Нависед.**

Шеърро нависед.

## Ватанам.

Эй Ватани нозанин
Хубу дилорой ту
Монанди модари мо
Зебову яктой ту
Азизию муқаддас,
Ҷону дили мо туӣ,
Бо ин ҳама бузургӣ,
Дар дили мо ҷой ту.

*Қурбон Муҳаммадӣ.*



**5. Хонед.**

Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## Апаву хоҳар.

Ҳар субҳи содиқ Офтоби оламафрӯз аз паси кӯҳҳои сарбафалак печида намоён мешуд. Рӯзе дид, ки Офтобпарасте ба вай бо меҳру муҳаббат нигоҳ мекунад.

Гӯфт:

– Мехоҳӣ, хоҳари ман бошӣ?

– Албатта чунки ман апа надорам! – посух дод Офтобпараст.

Аз ҳамон вақт Офтобу Офтобпараст бо ҳам апаву хоҳаранд.

Офтоб
Офтобпараст

Мо навиштани табрикномаро омӯхтем.

# Боби сеюм

# Мактаби ман



## Дарси 37

# МАКТАБИ МАН. ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

**1. Дар хотир доред!**

Аз рӯи талаффуз ҳамсадоҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1-ҳамсадоҳои ҷарангдор 13-то: б, в, д, з, ж, ҷ, г, ғ, м, н, л, р, й.

2-ҳамсадоҳои беҷаранг 11-то: п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ъ, ҳ.



**2. Хонед.**

Ба қоидаҳои мактаб риоя намо!

Ба мактаб дар вақташ ҳозир шав, аз дарс қафо намон!

Дар синф ва саҳни мактаб мағалу бетартибӣ накун!

Сарулибос, синф ва саҳни мактабро ҳамеша тоза нигоҳ дор!

Ба рӯи китобу дафтарат ҳеҷ чизи зиёдатӣ нанавис.

Асбобу анҷоми синф ва мактабро ҳамчун гавҳараки чашм муҳофизат намо.

Бо ҳамсинфонат хушмуомила бош, ба сустхонон ёрӣ расон.

Ба гуфтаҳои муаллимат гӯш деҳ, супоришҳои ӯро дар хотир нигоҳ дор ва дар вақташ иҷро бикун.

**3. Нависед.**
Матнро рӯнавис кунед.

## Мактаби ман.

Ман мактаби худро хеле дӯст медорам.Мактаби мо ду ошёна буда, дар атрофи ӯ арчаҳои баланди зебо месабзад. Мактаби мо дар Республикаи Қазоқистони Ҷанубӣ ягона мактаби тоҷикӣ буда, дар мактаб зиёда аз 700 нафар талабаҳо таҳсил мегиранд.



**4. Тезгӯяк.**
Тезгӯякро аз ёд кунед.

Як хар харбуза хар,
Буза хар бе харбуза.

**5. Нависед.**
Аз расмҳо ва калимаҳо ҷумлаҳо тартиб дода, ба дафтаратон нависед.

Майдаяк, хордор, фоиданок.



Даррранда, калон, зӯр.



Чолок, тарсончак, фоиданок.



Ҳиллагар, зард, фарбеҳ.



*Мисол:* Хорпуштак майдаяк, хордор ва фоиданок аст.

Сустхон
Хушмуомила

Ҷумлаҳо тартиб доданро омӯхтем.

## Дарси 38 САЁҲАТ БА МАКТАБ. ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА МОҲИЯТИ ОН

**1. Дар хотир доред.**

Садонокҳо калимаҳоро ба ҳиссаҳо ҷудо мекунанд.
Дар калима шумораи садонок ҳиссаи онро муайян мекунад.

**2. Нависед.**
Матнро рӯнавис кунед.

### Мактаб.

Мактаб ба ман хеле маъқул аст. Синфхонаҳояш калон, тоза ва озода мебошад. Мактаб ҷои таълиму тарбия мебошад.

**3. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Миёни “а” ва “ р “ се ҳарфи дигар
Бимонӣ, мехӯрӣ ду меваи тар.







**4. Хонед.**
Шеърро хонед, мазмунашро нақл кунед.

## Ман хам мактабхон шудам

Ман ҳам ба мактаб
Меравам акнун,
Ман ҳам китобхон
Мешавам акнун.
Шеърҳои бисёр
Аз ёд медонам
То сад шумурда
Ман метавонам
Ман менависам
Номи худамро
Бо ҳарфи калон
Бе ягон хато.





**5. Сӯҳбат кунед.**

Нақл аз рӯи расмҳо.

Сардор ба мактаби шумо омад. Шумо ба вай кадом ҷойҳои шавқовари мактабро нишон додани мешавед?

Расми ошхона спортзал китобхона









Спортзал
Синфхона
Китобхона

Шеърро хонда мазмуни онро шарҳ доданро омӯхтем.

# Дарси 39 ДАРСҲОИ ДӮСТДОШТАИ МАН



**1. Кор бо ҷуфт.**

Шумоён кадом фанҳоро дӯст медоред? Барои чӣ? Фикрҳои худатонро ба дӯстонатон нақл кунед?

| | | |
|---|---|---|
| Забони тоҷикӣ | Забони қазоқӣ | Забони англисӣ |
| Хониш | Забони русӣ | Математика |
| Мусиқӣ | Меҳнат | Тарбияи ҷисмонӣ |



**2. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба ҳиссаҳо ҷудо намуда рӯнавис кунед.

Мӯътабар, маърӯза, эътибор, истеъдод, маълумот, аълочӣ, истеъмол, мӯътадил, таъин, фаъол.

*Намуна:* Мӯъ-та-бар,..



**3. Хонед.**

Дар дарси хониш.

Соат нӯҳ шуд. Талабагон ба синф даромаданд.Дарс сар шуд. Муаллима аз талабагон кори хонагиро пурсид.Алишер аз ҷояш хеста ҷавоб дод. Муаллима ба ӯ баҳои аъло гузошт.

Муаллима ҳикояро ба Ҳусан ва Юсуф хононд. Муниса фаҳмидагиашро нақл кард. Фотима ба саволҳояш ҷавоб дод.

Ноила ба ҳикояча мавзӯъ интихоб кард. Мо нақшаи ҳикояро тартиб додем. Дар дарси хониш ҳама фаъол иштирок карданд. Муаллима хурсанд шуданд.

**4. Аниқ мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда дарсҳои дӯстдоштаи Шохрух-ро аниқ кунед.







Ҳикояча
Мавзӯъ

Ба расмҳо нигоҳ карда интихоби фанҳои дӯстдоштаамро муайян кардем.

# Дарси 40 ЧИҲОРО ОМӮХТЕМ? ИМЛОИ ВА МАШҚИ ҲАРФИ Яя

**1. Хонед.**
Матнро хонед.

## Яслӣ.

Дар ҷамоаи мо яслӣ ҳаст. Ҳамсояи мо Розия – хола дар яслӣ мураббия мебошад. Модарон аз мураббия розианд. Ба ӯ миннатдорӣ изҳор менамоянд.



**2. Нависед.**
Навиштаҳои зеринро машқ кунед.

| |
|---|
| *я* |
| *Я* |
| *Яҳё* |

**3. Нависед.**

Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед.

Якум, яхоб, армия, тарбия, ҳикоя, ҷӯяк, шамсия, ях,вилоят.



**4. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.

Як шатта занӣ,
Як қадам мемонад.



**5. Кор бо гурӯҳ.**

Дар мактаб чиҳоро омӯхтам? Дар мавзӯи “ Дар мактаб чиҳоро омӯхтам” кластер созед.



**6. Фикр кунед.**

Аз рӯи расмҳо ҷумлаҳо тартиб дода нависед.



# Дарси 41 НАВБАТДОРИ СИНФ. ОВОЗҲОИ ҲАМСАДО ВА ТАЛАФФУЗИ ОН



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда, бачаҳо бо кадом корҳо машғуланд муайян кунед. Ҷумлаҳо тартиб диҳед.



1. Дар синфи шумо ҷадвали навбатдорон ҳаст?
2. Шумо кай бо кӣ навбатдор ҳастед?
3. Вазифаи навбатчӣ дар чист?

**2. Нависед.**

Машқро рӯнавис кунед.

1-декабр рӯзи призиденти нахустини мо мебошад. Ҳамаи мо ин идро тантанавор пешвоз мегирем.Бояд ҳар яки мо ватани худ ва призиденти нахустинамонро дӯст дорем.



**3. Тезгӯяк**

Тезгӯякро аввал оҳиста баъд тезхониро машқ кунед.

Чой рехтам ба пиёла,
Ба пиёлаи Ҳилола.



**4. Фикр кунед.**

Номи расмҳоро гӯед, калимаҳоро навишта гиред.

    



**5. Хонед.**

Матнро хонед.

## Дар китобхона.

Китобхонаи мо хеле калон аст. Дар китобхонаи мо китобҳои шавқовар бисёр аст. Мо ҳар рӯз аз он ҷо китобҳоро гирифта мехонем. Китобҳоро тозаву озода нигоҳ медорем. Китоб дӯстӣ беҳтарини инсон мебошад.

**6. Панд.**

Пандро аз ёд кунед.

Китоб сарчашмаи дониш аст.

Тахтаи синф
Навбатдор

Аз рӯи расм вазифаи навбвтдорро омӯхтем.

# Дарси 42 АЪЛОЧИЁН КИҲОАНД. КАЛИМА ВА ТАРКИБИ ОН

**1. Дар хотир доред!**

Воҳиди хурдтарини маънодори забонро калима меноманд. Калимаҳо аз овозҳо иборатанд. Овозҳо бо ҳарфҳо навишта мешавад.

*Мисол:* китоб, шона, мактаб, ҳавлӣ.

**2. Хонед.**

## Тахтаи аълохонҳо.

Дар синфи мо тахтаи аълохонҳо мавҷуданд.

Дар онҷо расмҳои аълохонҳо овехта шудааст. Мо аз онҳо ибрат мегирем. Монанди онҳо шудан мехоҳем.

**3. Нависед.**

Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои зарурӣ гузошта, матнро рӯнавис кунед.

Наврӯз падару модарашро... медорад. Ӯ ҳар... пас аз дарс ба... алаф медиҳад. Падараш ба Наврӯз... тӯҳфа кард.

*Калимаҳо барои истифода:* гӯсфандон, кӯзача, рӯз, дӯст.

**4. Хонед.**
Матнро хонед.

Олим ба мактаб омад. Дар синф муаллимаро дид. Салом дод ва ба ҷояш нишаст. Олим бо Анор ва Асад ҷояш нишаст. Олим бо Анор ва Асад ҷӯраи ҷонӣ мебошанд.

**5. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Чист он, ранг-ранг аст,
Чолоку тезчанг аст.
Дар сурати паланг аст,
Аммо бо муш ба ҷанг аст?



Чолок
Паланг

Калима ва таркиби онро омӯхтем.

# Дарси 43 МУАЛЛИМОНИ МАН. ҲАМСАДОҲОИ ТАКРОР

**1. Дар хотир доред.**

Дар баъзе калимаҳо яке аз ҳамсадоҳо паи ҳам такрор мешавад, ки онро ҳамсадои такрор меноманд. *Арра, пилла, латта, Иззат.*

**2. Фикр кунед.**

Аз рӯи расм ҷумлаҳо тартиб диҳед.










Дар бораи муаллимони дӯстдоштаи худ нақл кунед.



**3. Хонед.**
Матнро хонед.

## Ҷӯраи бад.

Рӯзе ду ҷӯра аз беша мегузаштанд. Ногоҳ ба онҳо як хирси калон вохӯрд.

Яке аз ҷӯраҳо зуд ба болои дарахте баромад. Дигаре нагурехта истод. Хирс рост ба тарафи ӯ меомад. Илоҷи дигар набуд: вай худашро бардурӯғ ба ҳолати мурда андохта дароз кашида хобид.

Хирс омада ӯро бӯй кард. Вай нафас намекашид.

Хирс боз якчанд бор ӯро бӯй кашиду баъд ба даруни дарахтзор пинҳон шуда рафт.

Вақте, ки хирс дур шуд, ҷӯраи якум аз дарахт фуромад ва хандида пурсид :

Хирс ба гӯши ту чиҳо гуфт?

Бачаи дуюм ҷавоб дод:

– Хирс ба гӯши ман гуфт, ки дӯсти бад ҳамон кас аст, ки дар вақти фалокат ба ҷӯраи худ ёрӣ надода мегурезад.

**4. Пандро хонед ва маънидод кунед.**

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад.
Зи дониш дили пир барно бувад.

**5. Нависед.**

Матнро рӯнавис кунед.

Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои ҳамсадои мувофиқ гузошта, калимаҳоро рӯнавис кунед.

Ки...об, ша...р, тил...о, ҳа...ф, пан..., а... лочӣ, и...м, ғиж...ак, қа... моқ, бар..., а...л, лӯ...иё,...абк, теп...а.

Тавоно
Дониш

Мо ҳамсадоҳои такроршударо омӯхтем.

# Дарси 44 ДАР ЛАҲЗАҲОИ ДАМГИРӢ. КАЛИМАСОЗӢ АЗ ҲАРФҲОИ АЛОҲИДА

**1. Дар хотир доред!**

Калима ба ҳиссаҳо ҷудо мешавад.Ҳиссаи калима дар алоҳидаги маъно надорад. Калимаҳо аз овозҳо (ҳарфҳо) иборатанд.

*Мисол:* о, б, н, о, н,
Об, нон



**2. Хонед.**

## Деҳаи мо.

Дар баҳорон теппаҳои пасту баланди атрофи деҳаи мо сабзу хуррам мегарданд. Дарахтони сарсабз, гулҳои рангоранг ба деҳа ҳусни нав мебахшанд. Аз ҳар кӯҳу дара обҳои софи чашмаҳо ҷорианд.



**3. Нависед.**
Матнро рӯнавис кунед.

Мӯрча як дона гандум ёфт. Лекин вай хеле вазнин буд. Мӯрча онро аз ҷояш ҷунбонда натавонист. Вай ҷӯраҳояшро ҷеғ зад. Онҳо якҷоя шуда, донаи гандумро ба осонӣ бурданд.



**4. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда дар бораи лаҳзаҳои дамгирӣ сӯҳбат гузаронед.





Шумо лаҳзаҳои дамгириатонро чӣ тавр мегузаронед?

Мӯрча
Дона
Ҷӯра

Бе самар набурдани лаҳзаҳои дамгириро омӯхтем.

# Дарси 45

# ДОИРАИ МАКТАБИ МО (МАҲФИЛҲО). БА ҲИҶО ДУРУСТ ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМА



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ карда ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.



1. Дар мактаби шумо чӣ гуна доираҳо ( маҳфилҳо) –ро ташкил мекунанд?
2. Шумо ба кадом маҳфилҳо иштирок мекунед?

**2 Хонед.**

## Духтари хона.

Зебоҷон дар синфи дуюм мехонад. Акнун вай духтари чаққон ва кордон мебошад. Ҳамаи кори хона ва рӯфтани ҳавлӣ ба зиммаи ӯст.

Рӯзе тугмаи нимтанааш якбора канда шуд. Бо маслиҳати модараш онро худаш ба нимтанааш дӯхт. Модараш бошад, – акнун Зебоҷон дӯзанда шудааст, – гӯён хурсандӣ мекард.

**3. Нависед.**

Ба сатри дигар чӣ хел гузаронидани ҳиҷоҳои калимаҳоро бо хатча (-) нишон диҳед:

Хона, кӯча, талаба, қишлоқ, трактор, пахтазор, қатора, зирак, ситора, сиёҳӣ, гандум, гӯсола, куҳистон, Сабоҳат.

*Намуна:* Хо-на, тала-ба, та-лаба.

**4. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.

Қадаш ба алиф монанд,
Баргаш ба санавбар.
Шаш нони тунук дораду
Як косаи зар?



Санавбар
Тунук

Ҷумлаҳоро ба ҳиҷҷо ҷудо карданро омӯхтем.

Дарси 46

# ДАР КИТОБХОНА. ТАКРОРӢ

**1. Аз рӯи расмҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.**







**2. Хонед.**
Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

– Дилбарҷон, ту ба китобхона аъзо шудӣ?
– Ҳа Зебоҷон. Ту чӣ?
– Ман ҳам имрӯз аъзо шуда, китоби “Афсонаҳои халқи тоҷик”-ро гирифтам.
– Ман ҳам дирӯз ин китобро гирифта, дарҳол афсонаи “Рӯбоҳи маккор”-ро хондам.
– Маъқул шуд?
– Оре, афсонаи аҷоиб будааст.



**2. Нависед.**
Калимаҳои зеринро навишта, ба имлои онҳо диққат диҳед.

Китоб, китобдор, китобхона, лавҳа, гӯша, гулдон, доно, тавоно, дониш, барно, раг, кӯҳ.

**3. Панд**
Панди зеринро хонед.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад.
Зи дониш дили пир барно бувад.

*Фирдавсӣ.*

**4. Фикр кунед.**
Ба расмҳои додашуда нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.



Китобхона
Дониш

Аз рӯи расмҳо тартиб додани ҷумлаҳо ро омӯхтем.

# Дарси 47 ДАР ДАРСИ МУСИҚӢ. СОХТИ КАЛИМА

**1. Дар хотир доред!**

Сохти калимаҳо аз реша, пешванд ва пасванд иборат аст.

*Мисол:* хона-гӣ, трактор-чӣ, бо-одоб, но-дон.

**2. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ карда асбобҳои мусиқиро муайян кунед.









Ин асбобҳои мусиқӣ ба кадом миллатҳо мансубанд?

**3. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед ва пасвандро аз реша бо хатча ҷудо кунед.

Дарахтзор, навбатчӣ, қамишзор, равғанин, соягин, пахтазор, қандин, дастӣ, ҷӯрагӣ.

**4. Хонед.**

Панди зеринро хонед, аз ёд кунед.

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*С.Айнӣ.*

**5. Фикр кунед.**

Ҷавоби чистонро ёбед?

Шаҳр ҳасту одам нест
Дарё ҳасту обаш нест.





**6. Сӯҳбат кунед.**

Ба расм нигоҳ карда дар бораи ид ва қайд кардани он сӯҳбат гузаронед.





Харита
Олам

Аз калимаҳо пасвандҳоро ҷудо кардем.

# Дарси 48 ДАР ДАРСИ ҶИСМОНӢ. РЕША



**1. Сӯҳбат кунед.**

Дар дарси тарбияи ҷисмонӣ кадом машқҳои спортӣ маъқул аст? Нақл кунед.







**2. Дар хотир доред!**

> Он қисми калима, ки маънои асосӣ дар он аст, реша ном дорад.
>
> *Мисол:* коргар, хонагӣ, обӣ, талабагон.

**3. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед ва пасвандро аз реша бо хатча (-) ҷудо кунед.

Бешазор, рӯмолча, бозича, зардак, пахтагин, тирамоҳӣ, хурдакак, гулзор, гулистон, талабагон.

**4. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.

Як умр одамонро
Ба ҳар тараф кашонад.
Лекин худаш бечора
Дар пушти дар мемонад?







**5. Хонед.**

## Моҳидорӣ.

Салим ва Ҳаким ба лаби дарё рафтанд. Офтоб паси кӯҳ фурӯ мерафт. Оби дарё ором буд. Бо шаст моҳӣ доштан хеле шавқовар аст. Салим ва Ҳаким ба шасти худ лойхӯрак монда буданд. Моҳиҳо лойхӯракро дӯст медоранд.

Бачаҳо дар як соат хеле моҳӣ доштанд.

| Фурӯ<br>Ором<br>Дарё | Пасвандро аз реша ҷудо кардем. |
|---|---|

# Дарси 49 ДАР ОШХОНАИ МАКТАБ. ПАСВАНДИ -зор

**1. Сӯҳбат кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ кунед. Бачаҳо бо чӣ машғуланд.



Дар ошхонаи мактаби шумоён кадом намуди хӯрокҳоро мепазад.

**2. Дар хотир доред!**

Пасванди “зор” ба калима маънои макон ва бисёриро медиҳад.

Мисол: пахта – пахта – зор, гул – гул- зор.

**3. Нависед.**

Аз решаҳои зерин ба воситаи пасванди “зор” калимаҳое созед, ки маънои маконро ифода кунад.

Гандум, лола, анор, алаф, ток, зардолу.

**4. Хонед.**

Матнро хонед.

## Шиками уштур.



Уштур ва харгӯш ҳамроҳ мерафтанд. Ба канори ҷӯйи бузург расиданд. Аввал уштур даромад, чун ба миёни ҷӯй расид, об то шиками вай даромад. Харгӯшро бихонд, ки об то шикам беш нест.

Гуфт:

– Рост мегӯӣ, аммо шикам аз шикам тафовут дорад. Обе, ки ба шиками ту наздик аст, аз пушти ман хоҳад гузашт.

*А. Ҷомӣ.*

**5. Фикр кунед.**
Хӯрокҳои дӯстдоштаатонро номбар кунед.



Ба ин хӯрокҳо аз кадоми ин сабзавотҳо истифода мебаранд?

| | |
|---|---|
| Ошхона<br>Хӯрок | Истифодабари пас-<br>вандро омӯхтем. |

# Дарси 50 ДАР БОҒИ МАКТАБ. КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША ВА МАЪНОИ ОН

**1. Дар хотир доред!**

Калимаҳоеро, ки аз як реша сохта шудаанд, калимаҳои ҳамреша меноманд.

*Мисол:* тарс, нотарс, тарсу тарсончак, тарсонидан.



**2. Хонед.**
Матнро хонед.

## Себи хубонӣ.

Дар яке аз деҳаҳои водии Қаротегин Хубон ном Бонуе зиндагӣ мекардааст. Хубон дар ҳавлиаш як ниҳоли себ мешинонад. Дарахт ба ҳосил медарояд. Себҳои калон-калони сурх. Мардум он себро “Хубонӣ” меноманд.



**3. Нависед.**
Матнро хонед ва рӯнавис кунед.

16-декабр рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Ин идро мо ҳар сол бо тантана пешвоз мегирем. Ид муборак, ҳамватанони азиз!

**4. Сӯҳбат кунед.**

Аз рӯи расм дар мавзӯи “Дар боғи мактаб” нақл кунед.






1. Кадом меваҳоро шумоён дӯст медоред?
2. Дар боғи шумо кадом намуди меваҳо месабзад?

**5. Зарбулмасал.**

Меҳнат фаровон мекунад,
Танбалӣ вайрон мекунад.

* * *

Вақтат рафт, бахтат рафт.

**6.Кор бо гурӯҳ.**

Аз рӯи расм дар мавзӯи “ Дар боғи мактаб “ постер созед.



Меҳнат
Танбалӣ
Фаровон

Мо сохтани постерро омӯхтем.

Дарси 51

# ҚОИДАҲОИ МАКТАБ. ТАКРОРӢ.

**1. Дар хотир доред.**

Ба қоидаҳои мактаб риоя намо!

Ба мактаб дар вақташ ҳозир шав, аз дарс қафо намон!

Дар синф ва саҳни мактаб мағалу бетартибӣ накун!

Сару либос, синф ва саҳни мактабро ҳамеша тоза нигоҳ дор!

Ба рӯи китобу дафтарат ҳеҷ чизи зиёдатӣ нанавис!

Асбобу анҷоми синф ва мактабро ҳамчун гавҳараки чашм муҳофизат намо.

Бо ҳамсинфонат хушмуомила бош, ба сустхонон ёрӣ расон.

Ба гуфтаҳои муаллимат гӯш деҳ, супоришҳои ӯро дар хотир нигоҳ дор ва дар вақташ иҷро бикун.

*Супориш:* Бачаҳои азиз, қоидаҳои дар боло номбар шударо дар хотир нигоҳ доред ва қатъӣ риоя кунед.

**2. Нависед.**

Бо калимаҳои “муаллим, китоб, синф” ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

**3. Зарбулмасал.**

Шахси беватан – булбули бечаман.



**4. Кор бо гурӯҳ.**





1. Бачаи боодоб гуфта, чӣ гуна бачаро медонед?
2. Бачаи беодоб гуфта чӣ?



**5.Хонед.**

Шеърро хонед, мазмунашро нақл кунед.

## Панди китоб.

Хоҳӣ, ки доно шавӣ,
Шахси тавоно шавӣ,
Бош зи ман баҳраёб,
Ҳикмати ман беҳисоб.

Гиру зи дастад намон,
Гаштаю баргашта хон!
Лек фақат зинҳор,
Тоза нигоҳам бидор!

Хат нанавис ту ба ман,
Аз варқам ҳам накан!
Ман ба ту ҳастам рафиқ,
Бош ба фикрам шарик!

Баҳраёб
Беҳисоб

Қоидаҳои мактаб-
ро омӯхтем.

Дарси 52

# МАКТАБИ ОРЗУКАРДАИ МАН. АЛОМАТИ САКТА (Ъ)

**1. Дар хотир доред!**

Аломати сакта ( ъ ) дар мобайн ва охири калима меояд ва барои ҷудо кардани ҳиҷо хизмат карда, дар таркиби ҳиҷои пеш мемонад: маъ-лум, таъ-рих.

**2. Нависед.**

Ҷумлаҳоро навишта гиред ва калимаҳои бо аломати сакта ифода ёфтаро нишон диҳед.

Хонанда аз ҳикояту шеърҳои Саъдӣ лаззати маънавӣ мебарад. Олими бе амал кӯри машъалдор аст. Санъати халқ абадист. Дониш неъмати дунё мебошад. Номи Рӯдакӣ Ҷаъфар буд. Султон ба илм эътиқод дошт.



**3. Тезгӯяк.**

Дар лаби кӯча чӯча,
Дар лаби чуча Хӯҷа.
Шаш чӯҷаашро Хӯҷа,
Об медиҳад аз ҷӯча.

**4. Фикр кунед.**
Аз рӯи расм ҷумлаҳо тартиб диҳед.




1. Сарвар чӣ гуна мактабро орзу кард?
2. Ӯ дар кадом мактабҳо таҳсил гирифтан мехост?



**5. Хонед.**
Шеърро ифоданок хонед.

## Мактаби азиз.

Ҳар ҷо, ки истироҳат
Кардем вақти таътил,
Меҳри ту ҳамсафар буд
Моро ҳамеша дар дил.
Мактаб, чӣ меҳрубонӣ,
Маҳбуби баччагонӣ.
Дар сар хаёли ширин,
Дар дил умеди некӯ,
Аз нав қадам бимонем.
Бар остонаи ту.
Эй кони донишу фан,
Бошад раҳи ту равшан.
Дар куртаҳо нағунчем,
Ин субҳдам зи шодӣ..
Бар рӯямон чу модар,
Оғӯши худ кушодӣ.
Мактаб, азизи моӣ,
Ақлу тамизи моӣ!



Ақл
Тамиз

Аз ҳиҷо ба ҳиҷо ҷудо кардани аломати сактаро омӯхтем.

# Боби чорум

# Кишвари ман



Дарси 53

# ВАТАНИ АЗИЗАМ ҚАЗОҚИСТОН

**1. Сӯҳбат мекунем.**

## Ватанам Қазоқистон.

Мо дар Қазоқистони Ҷанубӣ зиндагонӣ мекунем. Ин ҷо макони боғу сабзавотҳо аст. Қазоқистони Ҷанубӣ ҳамаи гӯшаю канори мамлакатро бо меваю сабзавотҳои тару тоза таъмин менамояд.

Астана – пойтахти мамлакати мост.Вай шаҳри калонтарини ҷумҳурӣ мебошад. Хиёбону майдонҳои Астана хеле хушрӯянд.

Мо ватани азизам Қазоқистонро дӯст медорем.



**2. Хонед.**
Шеърро хонед.

## Эй мулки хуррам.

Эй мулки хуррам.
Эй гулшани мо,
Ту ин қадар ҳам,
Сарсабзу зебо!

Ман дар бари ту
Дилшод ҳастам,
Мисли кабӯтар
Озод ҳастам.

Бикшодаӣ ту
Дарҳои мактаб,
То дар намонам
Дар роҳи матлаб.

Фардо ки ман ҳам
Мешавам калон,
Хизмати туро
Мекунам аз ҷон.

*Б. Раҳимзода.*

**3. Нависед.**
Калимаҳои зеринро ба ҳиссаҳо ҷудо карда рӯнавис кунед.

Мусаффо, аввал, табассум, малла, муддат, маҳалла, ҷиддӣ, паррандагон, парончак, мураккаб, иззат, тааҷҷуб, маҷалла, қисса.

*Мисол:* Му-саф-фо, ав-вал,

**4. Фикр кунед.**

Ба расмҳо нигоҳ кунед. Дар расм кадом намуди растаниҳо мавҷуд аст. Аз онҳо истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.





Ғалла
Пахта

Ба ҳиҷо ҷудо кардани ҳамсадоҳои такрорро омӯхтем.

# Дарси 54
# ЗОДГОҲИ МАН. БАНДАК



**1. Фикр кунед.**
Шеърро хонед. Шеър дар бораи чӣ?

## Ҷон Қазоқистон.

Ҷон Қазоқистон
Фарзандат ҳастем,
Дар хизмати ту
Камар бубастем,
Дар ҳавои ту
Дили мо шод аст,
Туро ба моён
Ватан додааст.

**2. Дар хотир доред!**

Он ҳиссаи калима, ки баъд аз асос меояд, бандак ном дорад.
*Мисол:* омадам.



**3. Хонед.**
Матнро хонед.

## Деҳаҳои мо.

Деҳаи мо яке Интимоқ ва дигаре Бӯстонлиқ ном дорад.

Ҳар ду деҳа дар ноҳияи Сариағаш ҷойгир шудааст. Дар ду деҳа зиёда аз ҳашт намояндагони миллатҳо: қазоқҳо, тоҷикҳо, русҳо, туркҳою дигарон бародарона зиндагӣ мекунанд.

Дар маркази ин деҳаҳо мактабҳои тоҷикии ба номҳои С.Айнӣ ва Б.Ғафуров ҷойгир шудааст, ки фарзандонамон таҳсил мегиранд.

**4. Нависед.**
Матнро рӯнавис кунед.

Дар назди хонаи мо дарахти калоне ҳаст. Дар шохаи он мусича лона дорад. Субҳон ва Мунира ба лона даст намерасонанд.

**4. Зарбулмасал.**

Одобу тамиз аз ҳама азиз.

**5. Фикр мекунем.**
Дар мавзӯи «Зодгоҳи ман» ҳикояча тартиб диҳед.




Азиз
Тамиз

Аз расм тартиб додани ҳикоячаро омӯхтем.

# Дарси 55 ШАҲР ВА ДЕҲА. РЕША ПАСВАНД

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расм нигоҳ карда шаҳр ва қишлоқҳоро муқоиса кунед.Фарқ ва монандии онҳоро ёбед.






**2. Хонед.**

Матнро хонед.

## Вилоятҳои кишварамон.

Сарзамини мо аз чордаҳ вилоят иборат аст. Алмато, Қазоқистони Шарқӣ, Павлодар, Қазоқистони Шимолӣ. Кустанай, Актюбе, Қазоқистони Ғарбӣ, Атирав, Мангистау, Қизилорда, Қазоқистонӣ Ҷанубӣ, Ҷанбул, Қарақада, Акмола.

Ҳар як вилоят марказӣ хӯдро дорад.

1. Шумо дар кадом вилоят зиндагӣ мекунед?
2. Номи вилоятҳоро аз ёд кунед?

**3. Дар хотир доред!**

Ҳиссаи калимаро, баъди реша истодааст, пасванд меноманд. Пасвандак калимаҳо месозанд.Ҳар як пасванд ба калима маънои махсус медиҳад.

*Мисол:* трактор-чӣ, оҳан-ин, себ-зор, хона-гӣ.

**4. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед ва решаро аз пасванд бо хатча (-) ҷудо кунед.

Арчазор, ботлоқзор, бедзор, олучазор, юнучқазор,гулзор, пахтагин, сафолин, пӯлодин, тирамоҳӣ, баҳорӣ.

**5. Фикр кунед.**

Ба даруни катакҳои холӣ номи шаҳр ва қишлоқҳоро номбар кунед.

Астана, Чимкент, Сариоғоч, Бӯстонлиқ, Алмата, Интимоқ.

1. Кадоми ин калимаҳо ба катакҳои холӣ нағунҷиданд?
2. Ба он калимаҳо худатон катакчаҳо кашед ва ҷойгир кунед.

Деҳа
Шаҳр

Мо ба расмҳо нигоҳ карда фарқи шаҳр ва қишлоқҳоро омӯхтем.

Дарси 56

# ТУРКИСТОН ШАҲРИ ҚАДИМА. ПЕШОЯНДҲО

**1. Хонед.**

Туркистон –яке аз шаҳрҳои қадимтарини Қазоқистон мебошад. Саёҳатчиёне,ки ба шаҳри Туркистон омаданд, якумин шуда мақбараи Хӯҷа Аҳмад Яссавӣ -ро зиёрат мекунанд. Ин мақбара дар асри 15 барпо шудааст. Дар даруни ин мақбара деги калони сангин ва экспонатҳои қимматбаҳои қадима мавҷуд шуда ба ҷаҳон машҳур мебошад. Дарвозаи ин мақбара устоҳои машҳурӣ ҳамон замон сохтаанд.



1. Матн дар бораи кадом шаҳр сухан меравад?
2. Шумо чиҳоро фаҳмидед?

**2. Дар хотир доред!**

Он ҳиссаи калимае, ки маънои онро тағир медиҳад, пешванд номида мешавад:

*Мисол:* одоб – беодоб, адам – беадаб.

**3. Нависед.**

Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед, решаро аз пешванд бо хатча (-) ҷудо кунед.

Боинсоф, беинсоф, ҳамсоя, ҳамдевор, боқувват, беқувват, ҳамсӯҳбат, ҳамдард.

**4. Тезгӯяк.**

Хонаи мо гулзор аст,
Тамоми сол баҳор аст.

**5. Кор бо ҷуфт.**
Аз рӯи расмҳо номи ашёҳоро номбар карда,бо дӯстатон ҷумла тартиб диҳед.



Мақбара
Экспонат

Аз калима ҷудо кардани пешвандро омӯхтем.

# Дарси 57 ДАР СИРК (ЦИРК). ПЕШОЯНДҲОИЗАБОНИТОҶИКӢ



**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расм нигоҳ кунед. Чиҳо тасвир карда шудааст?






1. Шумо ба Сирк рафтед?
2. Дар Сирк чӣ хелбозиҳоро нишон медиҳад?

**2. Дар хотир доред!**

Пешояндҳои асосии забони тоҷикӣ инҳоянд: бе, бо, ба, аз, дар, барои, то, ҷуз.



**3. Хонед.**

Ҳикоячаи “Рӯбоҳ ва сагро”-ро хонед ва нақл кунед.

## Рӯбоҳ ва сагҳо.

Рӯбоҳ дар саҳро сагҳоро дида гурехт. Сагҳо аз паси рӯбоҳ давиданд рӯбоҳ ба як ғорча даромад. Вай гуфт.

– Гӯшаки ман, гӯшаки ман, ту ба ман чи некӣ кардӣ?

– Ман гӯш кардам, гӯш кардам то ки сагон ба ту ногоҳ хуҷум накунанд!

– Чашмаки ман, чашмаки ман ту ба ман чӣ некӣ кардӣ?

– Ман ба ҳар сӯй нигоҳ кардам, нигоҳ кардам то ки сагҳо аз назар пинҳон намонанд!

– Пояки ман, пояки ман, ту ба ман чӣ некӣ кардӣ?

– Ман давидам, ман давидам то ки сагон туро дошта нагиранд!

– Ту думаки дарозаки хушрӯяки ман, ба ман чӣ некӣ кардӣ?

– Ман буттаҳо ва шохчаҳоро қапидам ва ба гурехтани ту халал расондам!

– Ҳа! Ту ин тавр-ми? Эҳ сагҳо! Гиред, думи маро хӯред!– ин душмани ман будааст!

Сагҳо аз думи рӯбоҳ газида кашиданд.Рӯбоҳ аз ғорча берун баромад.

**4. Нависед.**

Аз решаҳои зерин ба воситаи пешояндҳои “бо, бе, ҳам” калимаҳо созед.

Интизом, лаёқат, мазза, сафар, сол, фикр, бахт, қад, вафо, касб, виҷдон, кор, савод.

**5. Хонед.**

Хонед ва шеърро аз ёд кунед.

## Фил.



Филро дидам дар беша,
Хеле кардам андеша:
“Хартуми дароз ӯ,
Чигуна боло меша?”.
Гуфто ба ман бобоҷон:
“Чаро мешавӣ ҳайрон?,
Офарид ӯро Худо,
Омӯхт ҳарчиро ҷудо”.

Ҳайрон
омӯхт

Аз рӯи расм ҷумлаҳо тартиб доданро омӯхтем.

## Дарси 58 ДАР ТЕАТР

**1. Сӯҳбат мекунем.**
Аз расмҳо истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**2. Кор бо гурӯҳ.**
Бо дӯстонатон аз рӯи афсонаи дӯстдоштаатон саҳнача тартиб диҳед.

**3. Хонед.**
Матнро хонед.

## Дар театр.

Мо бо падару модарам ба саёҳати шаҳри Шимкент рафтем. Дар он ҷо ба тамошои театри ба номи “Шанин” даромадем. Бинои театр калон ва зебо аст. Дар театр мо намоишномаи “Харгӯшаки диловар”-ро тамошо кардем. Намоишнома ба мо хеле маъқул шуд. Ба маҳорати онҳо қоил мондем. Ин саёҳати шаҳр дар дили ман таасуроти зиёде гузошт.

**4. Фикр кунед.**
Аз рӯи расми додашуда хатоҳои онро муайян кунед.





**4. Нависед.**
Шеърро хонед ва нависед.

## Зимистон.

Фасли зимистон омад,
Барфи дурахшон омад.
Бароетон, бачаҳо,
Тафсад бозӣ, хандаҳо.

Чӣ хуш боридааст барф
Барф нуқра барин ҳар тараф,
Мо дар ҳар сӯ метозем,
Аз барф одам месозем.

*Абдусалом Деҳотӣ*

Театр масхарабоз

Ташкил кардани саҳначаро омӯхтем.

# Дарси 59 ДАРЁҲО ВА КӮЛҲО. ПАСОЯНД

**1. Дар хотир доред!**

Пасоянд ҳиссаи номустақили нутқ буда, баъд аз ҳиссаҳои мустақили нутқ омада, маънои грамматикии онҳоро тағйир медиҳад.

**2. Хонед.**
Матнро хонед.

Кӯл – пастхамии табии аз об пуршуда аст. Оби кӯлҳо яке ширину дигаре шӯр мешавад.Бисёр вақт ба кӯлҳо дарёчаҳо мерезанд. Баъзе кӯлҳоро чашмаҳо бо об таъмин мекунанд.



**3. Фикр мекунем.**

1. Ба харитаи Қазоқистон нигоҳ карда дар он ҷо дарёҳо мавҷуд аст, ёбед?
2. Номи дарёҳоро бо тартиб нависед.

**4. Аниқ мекунем.**

Ба расмҳо нигоҳ кунед. Барои ифлосшавии дарёҳо ва кӯлҳо чӣ сабаб аст?



Барои ифлос нашудани дарё ва кӯлҳо чӣ кор кардан лозим аст?

**5. Залбулмасал.**
Залбулмасалро хонед.

Об манбаи ҳаёт аст.

* * *

Бе об ҳаёт нест.

**6. Нависед.**
Машқро рӯнавис кунед.

## Сарчашмаи ҳаёт.

Об мӯъҷизаи табиат аст. Об сарчашмаи ҳаёт ва зиндагист. Ободӣ ва осудагӣ ба об вобаста мебошанд.Мо бояд ба қадри об бирасем, нагузорем,ки он беҳуда масраф шавад.

Обро сарфакорона истифода баред!



**7. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Дар дунё кадом бобой,
Ҳаргиз наменӯшад чой?

Дарё
Кӯл

Дар бораи дарё ва кӯлҳо маълумот гирифтем.

# Дарси 60 БЕШАЗОР



**1. Хонед.**
Шеърро аз ёд кунед.

Харгӯшаки диловар.
Харгӯш ҷуръат кардаст,
Хеле ҷасорат кардаст.
Дар беша Шере дидааст
Натарсида пурсидааст:

– Бигӯ Шере диловар,
Буз тарсончак ёки хар?
Гуфтаст Шери пурзур
Афти ҳар ду дар гӯр!

Аз наъраам метарсанд,
Дарақ-дарақ меларзам.
Ман аз онҳо безорам.
Чашми дидан надорам.

Ту чизи дигар,
Менамои диловар.
Вақте, ки маро диди
Ту ҳатто натарсидӣ.



**2. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расмҳо ҳикояҳо тартиб диҳед.



Ба ҳикояча сарлавҳа интихоб кунед.

**3.Нависед.**

Калимаҳои зеринро аз рӯи намуна ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, рӯнавис кунед.

Архар (гӯсфанди кӯҳӣ ),хурӯс, ҷайра, уқоб, бум, кабк, той,кашкалдоқ, мурғобӣ, тӯтӣ, барра, кафтар, чӯҷа,бузғола.

Ҳайвонҳо: архар,

Паррандагон: хурӯс,

**4. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.

Корвони бисёр
Пайи ҳам қатор
Аз саҳар то шом
Мекашонад бор.



Архар
Бешазор

Аз расм ҳикояча тартиб доданро омӯхтем.

# Дарси 61 КӮҲҲО

**1. Хонед.**
Матнро хонед.

## Кӯҳҳо.

Қуллаҳои баландтарини рӯи заминро кӯҳ меноманд. Кӯҳҳо аз теппаҳо баланд мебошанд ва якчанд ҳазор метрро мекунад. Дар қуллаҳои онҳо зимистону тобистон барф мехобад, об намешавад. Қазоқистон кухҳои хеле бисёр дорад.

**2. Сӯҳбат мекунем.**
Ба расмҳо нигоҳ карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**3. Нависед.**

Матнро рӯнавис кунед ва ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои заруриро гузоред.

Модарам нони (...) пухт. Бародарам аз боғ ангури (...) овард. Падарам аз бозор харбӯзаи (...) харид. Ангури (...) ва харбӯзаи (...) ширинро бо нони (...) хӯрдем.

*Калимаҳо барои истифода:* гарм, сиёҳ, калон, бомазза, гарм.

**4. Зарбулмасал.**

Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

Ваҳдат
Ҷаҳон

Ба расмҳо нигоҳ карда ҷумла тартиб доданро омӯхтем.

# Дарси 62 ДАР ОЛАМИ ҲАЙВОНҲО. ТАКРОРӢ



**1. Хонед.**
Шеърро хонед.

## Дар рӯзаки тобистон



Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ,
Чиро хона меорӣ?
Аз паи як ду дона,
Дона барам ба хона,
Дар рӯзаки тобистон,
Хурам ғами зимистон.



– Орӯяк, эй орӯяк,
Орӯяки хушрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ?
Куҷо ту сафар дорӣ?
– Равам ба сӯи саҳро,
Оварам шаҳди гулро.
Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.



– Санҷобак, эй санҷобак,
Санҷобаки камхобак.
Ин қадар мешитобӣ,
Ин қадар чӣ мекобӣ.
– Мағз барам ба хона,
Аз шоха як-ду дона.
Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.

– Калламушак, калламушка,
Калламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ,
Чӣ аз замин меёбӣ?
– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар рузаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



– Харгӯшак, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак.
Ту ҳам машғули корӣ,
Дар дастакат чӣ дорӣ?
– Сабзӣ дораму карам.
Ба хонаам мебарам.
Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.



**2. Сӯҳбат мекунем.**

1. Шоир дар шеър кадом номи ҳайвонҳоро гирифтааст?
2. Ҳайвонҳо ғами чиро мехӯрданд?

**3. Нависед.**

Номи ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо ба гурӯҳҳо ҷудокарда бехато нависед.

*Намуна:* Ҳайвонҳои хонагӣ: саг,
Ҳайвонҳои ваҳшӣ: шағол,

**4. Фикр мекунем.**

Аз рӯи расмҳо хӯрокҳои дӯстдоштаи ҳайвонҳоро ҷудо кунед.

Сафар
Саҳар
Санҷобак

Аз расмҳо ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо ҷудо карданро омӯхтем.

# Дарси 63 ДАР ОЛАМИ НАБОТОТ. ТАКРОРӢ

**1. Хонед.**
Матнро хонед.

Олами наботот аз растаниҳои шифобахш хеле бой аст.

Аз байни инҳо зиёда аз 500 намудашон дар тибби халқӣ аз қадим боз истифода бурда мешаванд. Масалан: гули хайрӣ, барги зуф, ҳулбӯ, пӯдина, ҳазориспанд, кокутӣ ва ғайраҳо мебошанд.

**2. Кор бо ҷуфт.**
Бо дӯстатон дар бораи дарахтони ҳавлиатон сӯҳбат кунед,ҷумлаҳо тартиб дода нависед.



**3. Нависед.**

Шеърро хонед, мазмунашро нақл кунед. Чор мисраи шеърро нависед.

## Самбӯсаи алафин.

Биё, биё, дугона,
Берун баро аз хона.
Равем алаф бичинем,
Гардем ба ин баҳона.

Ҳаво софу беғубор,
Сабза дамида бисёр.
Рӯидааст испаноҳ.
Аз борони навбаҳор.

Чинем аз лаби ҷӯ.
Пудинаҳои худрӯ,
Аз алафи тар пазем.
Самбӯсаҳои хушбӯ.

**4. Фикр кунед.**

1. Духтарон чӣ кор карданд?
2. Онҳо бо гиёҳҳо чӣ тайёр карданд?
3. Модари шумо самбӯсаро аз чӣ тайёр мекунад?

**5. Фикр мекунем.**

Аз рӯи растаниҳои додашуда,номи онҳоро номбар кунед.Аз энциклопедия дар бораи фоидаоварии гиёҳҳо маълумотҳо ҷамъ кунед.

Гиёҳҳо
Пӯдина
Ҳулбӯ.

Аз расмҳо дар бораи гиёҳҳо маълумотҳо гирифтем.

# Дарси 64 МАМНӮНГОҲҲО. ТАРКОРӢ

**1. Сӯҳбат мекунем.**
Ба расмҳо назар андозед. Аз рӯи расмҳо ҳикояча тартиб диҳед. Ба ҳикояча мавзӯъ гузоред.



**2. Хонед.**
Матнро хонед.

## Мамнӯнгоҳҳо.

Дар Қазоқистони мо мамнӯнгоҳҳо бисёранд.Олами набототи атрофи ин мамнӯнгоҳ асосан аз алафҳои майдаи баҳорсабзак ва буттаҳои ба хушкӣ тобовар иборатанд. Ин алафу буттаҳо барои хукҳои ёбоӣ, гавазнҳо ва харгӯшҳо ҷои чарогоҳ мебошад. Дар ин мамнӯнгоҳҳо ҳайвонҳои ноёб ва растаниҳои камшуда рафтаро парвариш мекунанд.

**3.Нависед.**
Матни зеринро рӯнавис кунед.

## Камол.

Камол решаи ғафс, баргҳои мулоим ва гулҳои зард дорад. Камолро барои табобати дарди меъда, дил истифода мебаранд. Шираи камол ранги зардча дошта, барои муолиҷаи санги гурда фоиданок аст.

**4. Чистон.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Шираш ҳасту момо не,
Ришаш ҳасту бобо не.



Наботот
Мамнӯнгоҳ

Аз рӯи саволҳои зерин ҳикоя тартиб доданро омӯхтем.

# Дарси 65 ҒАЛЛА БОЙГАРИИ МОСТ. ТАКРОРӢ

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Ба расм нигоҳ карда ҷумла тартиб диҳед.



**2. Аниқ мекунем.**

1. Дар кадом шаҳрҳои Қазоқистон ғаллакорӣ мекунанд, номбар кунед?
2. Деҳқон ғалларо бо чӣ гуна меҳнатҳо парвариш мекунад?

**3. Хонед.**

Шеърро хонед. Шеър дар бораи чӣ сухан меравад.

### Суруди ғалла.

Ман ғаллаи тиллоям,
Ман ганҷи ин диёрам.
Ба чашми ғаллакорон,
Ман нури ифтихорам.
Аз ман шукӯҳ дорад,



Саҳрои Қазоқистон,
Мардум маро бихонад.

*“Ғаллаи Қазоқистон”*

**4. Нависед.**
Калимаҳои зеринро ба ҳиҷо ҷудо карда рӯнавис кунед.

Делфин, пашша, каждум, моҳӣ, малах, наҳанг, харчанг, шапалак, кирм, тимсоҳ, қурбоққа, хомӯшак, гаҳвораҷунбон.

**5. Панд.**
Пандро хонед ва аз ёд кунед.

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон.

**6. Хонед**
Шеърро хонед ва маънидод кунед.

## Нон.

Зеби дастурхони мо,
Ҳурмати меҳмони мо.
Обрӯю эътибор,
Қуввату дармони мо.
Резаҳоятро чида,
Ман мемолам ба дида.
Дил ҷӯш занад бекарор,
Нони гармро чашида.
Ҳаловати ҷон аст нон,
Қуввати дармон аст нон,
Зеби дастархон аст нон,
Меҳнати деҳқон аст.



Ғаллакор
Ифтихор

Тартиб додани ҷумла ва ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаро омӯхтем.

Дарси 14

# ДАР ПАХТАЗОР. ТАКРОРӢ

**1. Хонед.**
Матнро хонед.

Ман бо падарам ба пахтачинӣ рафтам мо ҳар ду қариб сад килограмм пахта чидем ёрдамчиён пагоҳ ҳам меоянд ҳоло дусад нафар кор карда истодаанд ман ва падарам пагоҳ боз хоҳем омад.



**2. Нависед.**

Фикрҳои нотамоми зеринро пурра карда, ҷумлаҳо созед.

Ҳалима ба хонаи холааш.... Ман расми филро.... Мо фардо ба лолачинӣ.... Онҳо ба мошин савор.... Шумо имрӯз вазифаи хонагиро нағз....

**3. Чистон.**

Ҷавоби чистонро ёбед.



Дӯкон ба дӯкон кофтем,
Оқибат онро ёфтем,
Пул додем, харидем,
Овардем, партофтем.

**4. Шеърро хонед.**

Шеърро аз ёд кунед.



Пахта пахта ҷон пахта,
Рӯида чун гулдаста.
Дар чамани саҳроҳо,
Кушода раста-раста.

**5. Фикр кунед.**

Аз рӯи расм тартиб додани ҷумлаҳо.



**6. Хонед.**

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## Зимистон дар қишлоқ.

Фасли зимистон омад. Ҳаво хунук шуд. Тарафи шарқ равшан шудан гирифт. Ситораҳо торафт кам мешуданд. Боди хунуки саҳарӣ мевазид. Оби ҷӯйчаҳо ях баста, шиша барин метобид. Барф оҳиста-оҳиста меафтид. Қишлоқ ором.

Саҳарӣ
Шарқ

Аз рӯи расмҳо тартиб додани ҷумлаҳо омӯхтам.

# Дарси 67 БОЙГАРИҲОИ ВАТАНАМОН. ТАКРОРӢ

**1. Хонед.**
Қазоқистон бо инчунин бойгариашон: нефтугаз, ангишт, металҳои ранга, ғалла ва ғайраҳо машҳур аст.



**2. Хонед.**
Шеърро хонед ва аз ёд кунед.

## Барфбозӣ.

Фасли зимистон омад,
Бо барфу борон омад,
Қасри сафед бар сари
Долу дарахтон омад.

Барфи бисёр кашондем,
Болои ҳам бимондем.
Одами барфӣ сохтем,
Ба он пӯстин пӯшондем.

Бинии он аз сабзӣ,
Ҷомаи он қафқозӣ,
Гирифта дасти ба даст
Дар гирдаш кардем бозӣ.



**2. Нависед.**
Матни зеринро рӯнавис кунед.

Калимаҳои зимистон, бачаҳо, барфбозӣ, борид, бобои барфӣ-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

## Зимистон.

Зимистон омад. Барф борид. Оби ҷӯй ях кард. Моҳира аз барф бобои барфӣ месозад. Бачаҳо дар болои ях бозӣ мекунанд.

**3. Фикр кунед.**
Аз рӯи расм ҷумла тартиб диҳед.



1. Кадом фасли сол аст?
2. Бачаҳо бо кадом корҳо машғуланд?

Ангишт
Барфбозӣ

Аз рӯӣ расм бо бойгариҳои Қазоқистон шинос шуда, калимаҳоро ба ҳиҷо кардем.

# Дарси 68 МОБАЧАГОНИДИЁРИХУШБАХТЕМ. ТАКРОРӢ

**1. Сӯҳбат мекунем.**

Аз рӯи расмҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.



1. Дар мактаби шумо Соли нав-ро чӣ гуна ҷашн мегиред?
2. Моҳҳои фасли зимистонро номбар кунед?
3. Шумо чӣ гуна бозиҳоро дӯст медоред?

**2. Нависед.**

Ба калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва ба дафтаратон рӯнавис кунед.

Барфбозӣ, бачаҳо, ҳавои сард, зимистон, дар гирди арча.

**3. Хонед.**

## Соли зафар шавад он.

Тифлони сарфарозем,
Чун арча бениёзем.
Дар даври арча бозем,
Дар гирди арча тозем.

Бобои Барфии мо,
Бо тӯҳфаҳои аъло,
Хушнуд карда моро,
Гӯяд басо тасанно.

Шеъру суруд хонем,
Рақсему бо пофишонем,
Хӯшрӯзӯ хушзамонем,
Хушбахт кӯдаконем.

Ин Соли нав муборак!
Ин фоли нав муборак!
Иқболи нав муборак!
Омоли нав муборак!

*М. Паймон.*

**3. Фикр кунед.**
Ҷавоби чистонро ёбед.

Бобо дорем аҷоиб,
Аҷоибу ғароиб,
Аз танҳои натарсад.
Аз хунукӣ наларзад.
Лекин метарсад бобо,
Аз офтоби фазо.

(..........)



Аҷоиб
Ғораиб
Офтоби фазо

Аз калимаҳо ҷумлаҳо тартиб доданро омӯхтем.

# МУНДАРИЧА

## Боби якум

Ҳама дар бораи ман .... 4
Хотираҳои тобистон .... 6
Ҳайвонҳои дӯстдоштаи ман .... 9
Давраи хушбахтии ман .... 12
Хонаи ман .... 14
Либосҳои ман .... 17
Кӣ шудан мехоҳам .... 20
Хӯрокҳои дӯстдоштаи ман .... 22

## Боби дуюм

Ман дастёраки модар .... 26
Афсонаҳои дӯстдоштаи ман .... 28
Ман сурудхонам .... 31
Қадри вақт .... 34
Реҷаи рӯзи ман .... 36
Машғулотҳои дӯстдоштаи ман .... 39
Ғамхорӣ ба паррандагон .... 41
Дӯстони болдори ман .... 45
Саргузаштҳои ман .... 47
Ман бачаи хубам .... 49
Ман хушбахтам .... 52
Оила – муқаддас .... 54
Оилаи мо .... 57
Як рӯзи оилаи мо .... 60
Ғамхоронам .... 62
Ид дар оилаи мо .... 65
Фарзанди нағз – боғи падар .... 67
Меҳмоннавозӣ .... 69
Ман, модар ва падарам спортчиёнем .... 72
Тозагӣ – гарави саломатӣ .... 75
Ҳамсояи ман .... 78
Дӯстони ман .... 81
Ман адабро аз ки меомӯзам .... 84
Орзӯи ман .... 86
Мо тарафдори сулҳем .... 89
Сулҳи пойдор .... 92

Шиносоӣ бо дӯстам ........................................ 94
Табрики дӯст........................................ 97

Боби сеюм

Мактаби ман ........................................ 100
Саёҳат ба мактаб ........................................ 103
Дарсҳои дӯстдоштаи ман ........................................ 106
Чиҳоро омӯхтем ........................................ 108
Навбатдори синф ........................................ 111
Аълочиёни синф ........................................ 114
Муаллимони ман ........................................ 116
Дар лаҳзаҳои дамгирӣ........................................ 119
Доираи мактаби мо ........................................ 121
Дар китобхона........................................ 123
Дар дарси мусиқӣ ........................................ 126
Дар дарси ҷисмонӣ ........................................ 129
Дар ошхонаи мактаб ........................................ 132
Дар боғи мактаб ........................................ 135
Қоидаҳои мактаб ........................................ 138
Мактаби орзукадаи ман........................................ 141

Боби чорум

Ватани азизам Қазоқистон........................................ 145
Зодгоҳи ман ........................................ 148
Шаҳр ва деҳа ........................................ 151
Туркистон шаҳри қадима ........................................ 154
Дар сирк........................................ 157
Дар театр........................................ 160
Дарёҳо ва кулҳо ........................................ 163
Бешазор........................................ 166
Кӯҳҳо........................................ 169
Олами ҳайвонот........................................ 171
Дар олами наботот ........................................ 174
Мамнунгоҳ........................................ 177
Ғалла – бойгарии мост ........................................ 179
Дар пахтазор........................................ 182
Бойгариҳои ватанам........................................ 185
Мо бачагони диёри хушбахтем ........................................ 189
**Мундариҷа** ........................................ 192

Учебное издание

**Турсунбоева Н.А., Акрамова Г.Б.,**
**Мирюсупова Г.М.**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсии синфи 2
барои мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ

**Қисми 1**

*(на таджикском языке)*

Редактор *Н.О. Юсуфбаева*
Художественный редактор *Н. Тазабеков*
Технический редактор *З. Бошанова*
Дизайн и компьютерная верстка *Д. Мансуровой*

ИБ № 7339

Подписано к печати 25.05.2018. Формат 84×108 1/16.
Бумага офсетная. Гарнитура «SchoolBook Kza». Печать офсетная.
Физ. печ.л. 11,5. Усл. печ.л. 20,16. Усл. кр. от. 80,64.
Тираж 400 экз. Заказ №

Қазақстан Республикасы “Жазушы” баспасы, 050009.
Алматы қаласы, Абай даңғылы, 143-үй.
E-mail: Zhazushi@mail.ru

ISBN 978-601-200-577-6